# Фаслҳо дар ақида

“Нома ба сӯи аҳли Шом”

[Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Абдулазиз ибни Марзуқ Ат-Турайфӣ

Тарҷума: Дорул-ислом/ Тоҷикӣ

2013 - 1434

IslamHouse.com

# فصول في العقيدة

[الرسالة الشامية]

«باللغة الطاجيكية»

عبد العزيز بن مرزوق الطريفي

ترجمة: دار الإسلام/ طاجيكي

2013 - 1434

IslamHouse.com

## Пешгуфтор

Хамду ситоиш Худованди яктоеро, ки ба ҷуз Ӯ касе дигаре мустаҳиқи ибодат нест.

Ва шаҳодат медиҳам, ки Худованд якка ва ягона аст ва шарику монанде надорад.

Ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули барҳақи Ӯ мебошад ва салому дуруди бепоён бар Ӯ ва аҳли байту асҳобаш.

**Аммо баъд:**

Ин ақидаи мухтасаре мебошад ва ман онро махсус барои аҳли Шом гардонидам ва онҳо иншоаллоҳ баъд аз он, ки насрониҳо ва баъзе тоифаҳои ботиния заминҳо ва диёри онҳоро ишғол намуданд, заминҳо ва диёри худро соҳиб хоҳанд гашт.

Баъзе аз мардуми аҳли Шом ва ғайри он аз ман хоҳиш намуданд, ки ба саволи онҳо ҷавобе нависам, ки чунин буд, дар бораи рузи қиёмат ва ҳаққи Худованд бар бандагонаш, ки Худованд ба он Нуҳ (а) ва дигар паёмбаронаш то охирин паёмбараш Муҳаммад (с)-ро тавсия намуда буд чуноне, ки мефармояд:

﴿شَرَعَ لَكُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا وَصَّىٰ بِهِۦ نُوحًا وَٱلَّذِيٓ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ وَمَا وَصَّيۡنَا بِهِۦٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَىٰٓۖ أَنۡ أَقِيمُواْ ٱلدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُواْ فِيهِۚ ١٣﴾ [الشورى: ١٣]

**«Барои шумо дину оине муқаррар кард аз ҳамон гуна, ки ба Нӯҳ тавсия карда буд ва аз он чӣ бар ту ваҳй кардаем ва ба Иброҳиму Мӯсо ва Исо тавсия кардаем, ки динро барпой нигаҳ доред ва дар он фирқа-фирқа машавед».**

**Сураи Шуро 13**

Чун шаҳвату тамаъ зиёд гашт, пайрави аз ҳавову ҳавас низ зиёд гашт ва бо сабаби зиёд гаштани хоҳишоти дил ва ҳавасҳо фикрҳои гуногун пиёдо шуданд ва бо сабаби фикрҳои гуногун тоифаҳо ва гуруҳҳо зиёд гаштанд.

Чун забони араби дар назди аҳли забон заъиф гашт интишори таъвилҳо ва шубҳаҳо осон гашт ва ояту ҳадисҳоро бо ҳаргуна таъвилҳо маъно медоданд, агар ин гумроҳкуни барои фирқаҳои аввал, ки дар авал пайдо шуда буданд осон буд, пас ин кор барои фирқаҳои баъди осонтар буд.

Ҳаркуҷое, ки пайрави аз нафсу шаҳват бошад онҷо шубҳа низ пайдост, чунки худи шубҳа аз шаҳват пайдо мешавад ва сипас ба равия ё мазҳабе мубаддал мегардад, ки аз он пайрави карда мешавад, сипас

мардум бидуни ин, ки аз аввали пайдоиши ин мазҳаб ё равия хабаре дошта бошанд аз он пайрави мекунанд Худованд мефармояд:

﴿أَفَكُلَّمَا جَآءَكُمۡ رَسُولُۢ بِمَا لَا تَهۡوَىٰٓ أَنفُسُكُمُ ٱسۡتَكۡبَرۡتُمۡ فَفَرِيقٗا كَذَّبۡتُمۡ وَفَرِيقٗا تَقۡتُلُونَ ٨٧﴾ [البقرة: ٨٧]

**«Ва ҳар гоҳ паёмбаре омад ва чизҳое овард, ки писанди нафси шумо набуд, саркашӣ кардед ва гурӯҳеро дурӯғгӯ хондед ва гурӯҳеро куштед».**

**Сураи Бақара 87**

Худованд дар ин оят ҳавову ҳавасро зикр намуд, ки ба такаббури табдил гашт ва сипас ба дуруғ пиндоштан ва ба душмани ва тамоми фирқаҳои гумроҳ, дар ҳамаи умматҳо ин гуна буданд.

Худованд ҳаққу ҳидоятро бар паёмбараш нозил кардааст, пас ҳарки бихоҳад ки он ҳақро чуноне ки нозил шуда буд пайрави намояд, пас бояд онро аз манбаъаш бигирад, пеш аз он, ки ақлҳо бо он бози карданд, ваҳйи мисли об аст ва ақл мисли коса аст Худованд ваҳйиро нозил кард ва дар дили Паёмбар (с) онро гузошт, сипас Паёмбар (с) онро дар дили асҳобаш ҷой намуд, сипас саҳобаҳо онро дар дилҳои тобеъин ҷой намуданд ва то замоне, ки муддат дароз мегашт камбудиҳо низ зиёд мегаштанд,

пас ҳарки бихоҳад онро софу бе ғубор аз худ кунад ва аз он пайрави намояд бояд онро аз сарчашмааш бигирад ва сарчашмаи он Паёмбар (с) мебошад, Аз Абумусои Ашъари (р.з) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд "**Ман амини асҳобам мебошам чун ман рафтам аончи, ки бар асҳобам муқаддар шудааст бар сарашон меояд ва асҳоб амини умматам мебошанд ва чун онҳо рафтан ончи ки бар умматам муқаддар шудааст бар сарашон меояд**".

Ривояти имом Муслим

Пас дин ба ҷуз аз китобу суннат ҷои дигар гирифта намешавад.

Худованд мефармояд:

﴿هُوَ ٱلَّذِي بَعَثَ فِي ٱلۡأُمِّيِّـۧنَ رَسُولٗا مِّنۡهُمۡ يَتۡلُواْ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمۡ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡحِكۡمَةَ ٢﴾ [الجمعة: ٢]

**«Ӯст Худое, ки ба миёни мардуме бесавод паёмбаре аз худашон фиристод, то оёташро бар онҳо бихонад ва онҳоро покиза созад ва китобу ҳикматашон биёмузад».**

**Сураи Ҷумъа 2**

Ва ҳар илме, ки дар дин аз ғайри китобу суннат бошад, гумроҳи аст.

Ва саҳеҳтарин роҳи фаҳмидани ваҳйи, фаҳмиши саҳобаҳои Паёмбар (с) мебошад, пас мо барпо доранда ҳастем ваҳйиро мувофиқи фаҳмиши саҳобаҳои Паёмбар (с).

## Фасли якум

Ислом дини ягонаи Худованд аст ва Худованд на аз Ҷинҳо ва на аз Инсонҳо ба ҷуз ислом дини дигареро намепазирад чуноне, ки мефармояд:

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ ﴿٨٥﴾﴾ [ال عمران: ٨٥]

**«Ва ҳар кас, ки дине ҷуз ислом ихтиёр кунад, аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд».**

**Сураи Оли Имрон 85**

Ва боз мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلدِّينَ عِندَ ٱللَّهِ ٱلۡإِسۡلَٰمُۗ ﴿١٩﴾﴾ [ال عمران: ١٩]

**«Албатта дин дар назди Худо дини ислом аст».**

**Сураи Оли Имрон 19**

Ва ислом дини тамоми паёмбарон буд чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَا مِن قَبۡلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيۡهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدُونِ ﴿٢٥﴾﴾ [الانبياء: ٢٥]

**«Мо пеш аз ту ҳар паёмбаре ки фиристодем, фақат ба ӯ ваҳй кардем, ки ғайри Ман худое нест. Пас Маро бипарастед».**

**Сураи Анбиё 25**

Ва боз мефармояд:

﴿إِنَّآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَيۡكَ كَمَآ أَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ نُوحٖ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ مِنۢ بَعۡدِهِۦۚ وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰٓ
إِبۡرَٰهِيمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَ وَٱلۡأَسۡبَاطِ وَعِيسَىٰ وَأَيُّوبَ وَيُونُسَ وَهَٰرُونَ
وَسُلَيۡمَٰنَۚ وَءَاتَيۡنَا دَاوُۥدَ زَبُورٗا ١٦٣ وَرُسُلٗا قَدۡ قَصَصۡنَٰهُمۡ عَلَيۡكَ مِن قَبۡلُ وَرُسُلٗا لَّمۡ
نَقۡصُصۡهُمۡ عَلَيۡكَۚ وَكَلَّمَ ٱللَّهُ مُوسَىٰ تَكۡلِيمٗا ١٦٤ رُّسُلٗا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ
لِلنَّاسِ عَلَى ٱللَّهِ حُجَّةُۢ بَعۡدَ ٱلرُّسُلِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمٗا ١٦٥﴾ [النساء: ١٦٣، ١٦٥]

**«Мо ба ту ваҳй кардем, ҳамчунон ки ба Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй кардаем ва ба Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наберагони Яъқуб ва Исо ва Айюб ва Юнус ва Ҳорун ва Сулаймон ваҳй кардаем ва ба Довуд «Забур»-ро арзонӣ доштем.**

**Ва паёмбароне, ки пеш аз ин достонҳояшонро барои ту гуфтаем ва онон, ки достонҳояшонро барои ту нагуфтаем. Ва Худо бо Мӯсо сухан гуфт, сухан гуфтане бевосита.**

**Паёмбароне муждадиҳанда ва бимдиҳанда, то аз он пас мардумро бар Худо ҳуҷҷате набошад ва Худо пирӯзманду ҳаким аст!».**

**Сураи Нисо 163 - 165**

Ва баъд аз он ки Худованд ин паёмбаронашро зикр кард амсоли: Нуҳ, Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб, Довуд Сулаймон, Айюб, Юсуф, Мусо, Ҳорун, Закарё, Яҳё, Исо, Илёс, Исмоъил, Ясаъ, Лут, Юнус, гуфт:

﴿أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَى ٱللَّهُۖ فَبِهُدَىٰهُمُ ٱقۡتَدِهۡۗ ٩٠﴾ [الانعام: ٩٠]

**«Инҳо касоне ҳастанд, ки Худо ҳидояташон кардааст пас ба равиши онҳо пайравӣ кун».**

**Сураи Анъом 90**

Динҳои тамоми паёмбарон дар асл мувофиқанд танҳо дар баъзе масъалаҳои фаръи аз ҳамдигар фарқ мекунанд, фаръҳо фарқ мекунанд на аслҳо, Худованд барои бани Исроил Мусо ва Исо (а)-ро фиристод ва бо нозил кардани Инҷил баъзе оятҳои Тавротро мансух гардонид, Исо (а) ба қавмаш гуфт:

﴿وَمُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيَّ مِنَ ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَلِأُحِلَّ لَكُم بَعۡضَ ٱلَّذِي حُرِّمَ عَلَيۡكُمۡۚ وَجِئۡتُكُم بِـَٔايَةٖ مِّن رَّبِّكُمۡ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُونِ ٥٠﴾ [ال عمران: ٥٠]

**«Тавроти ҳозирро тасдиқ мекунам ва баъзе аз чизҳоеро, ки бар шумо ҳаром шуда, ҳалол мекунам. Бо нишонӣ аз Парвардигоратон назди шумо омадаам. Аз Худо битарсед ва ба ман итоат кунед!».**

**Сураи Оли Имрон 50**

Бо вуҷуде, ки ҳазрати Исо ва Мусо (а) ба суи як қавм фиристода шуда буданд шариъатҳояшон дар баъзе шохаҳо фарқ мекарданд, пас чи гуна шариъати дигар паёмбарон фарқ накунад?!

Ва инчунин ягон шариъате набуд, ки дар он таҳриф дохил нашуда бошад, Худованд мефармояд:

﴿وَإِنَّ مِنۡهُمۡ لَفَرِيقٗا يَلۡوُۥنَ أَلۡسِنَتَهُم بِٱلۡكِتَٰبِ لِتَحۡسَبُوهُ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمَا هُوَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَيَقُولُونَ هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ وَمَا هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ وَيَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ۝٧٨﴾ [آل عمران: ٧٨]

**«Ва аз миёни онҳо гурӯҳе ҳастанд, ки ба шеваи китоби Худо сухан мегӯянд, то пиндоред, ки он чӣ мегӯянд, аз китоби Худост, дар ҳоле ки аз китоби Худо нест. Ва мегӯянд, ки аз чониби Худо омада ва ҳол он ки аз ҷониби Худо наёмада аст. Ва худ медонанд, ки бар Худо дурӯғ мебанданд».**

**Сураи Оли Имрон 78**

Ва боз мефармояд:

﴿يُحَرِّفُونَ ٱلۡكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِۦ ۝٤٦﴾ [النساء: ٤٦]

**«Баъзе аз (яҳудиён) калимоти Худоро ба маънӣ дигаргун мекунанд».**

**Сураи Нисо 46**

Ва чуноне ки Худованд мехост, миёни мардуми омма ва расидан ба ҳақиқат пардае эҷод шуд, ва ягона роҳи расидан ба ҳақиқат он аст, ки паёмбари наве фиристода шавад, сипас Худованд дини ҳақро бо фиристодани Муҳаммад (с) пойдор кард, пас дини ҳақе вуҷуд надорад магар дини Ӯ чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ۝٨٥﴾ [ال عمران: ٨٥]

**«Ва ҳар кас, ки дине ҷуз ислом ихтиёр кунад, аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёндидагон хоҳад буд».**

**Сураи Оли Имрон 85**

Ва рисолату паёмбарии Муҳамад (с)-ро барои ҳамаи умматон дастур гардонид, чи бар инсонҳо ва

чи бар ҷинҳо ва чи бар арабу аҷам чуноне, ки мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا كَآفَّةٗ لِّلنَّاسِ بَشِيرٗا وَنَذِيرٗا وَلَٰكِنَّ أَكۡثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعۡلَمُونَ ٢٨﴾ [سبا: ٢٨]

**«Туро ба паёмбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум; муждадиҳандаву бимдиҳанда. Вале бештари мардум намедонанд».**

**Сураи Сабаъ 28**

Имом Муслим аз Абуҳурайра (р.з) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд:

**"Қасам бар зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст! Касе нест аз ин уммат, ки дар бораи ман бишунавад, на яҳуди ва на насрони сипас бимирад дар ҳоле, ки ба он чи ки ман барояш фиристода шудаам эмон наоварда бошад, магар ин, ки аз аҳли дузах хоҳад буд".**

Худованд Қуръонро аз таҳрифу табдил нигоҳ дошт чуноне, ки мефармояд:

﴿إِنَّا نَحۡنُ نَزَّلۡنَا ٱلذِّكۡرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ٩﴾ [الحجر: ٩]

**«Мо Қуръонро худ нозил кардаем ва худ нигаҳбонаш ҳастем». Сураи Ҳиҷр 9**

## Фасли дувум

Касе исломро тафсир намекунад ва мақсаду муроди Худовандро баён намекунад, магар Худованд дар китобаш ва дар суннати Паёмбараш (с), дар назди мардум касе аз Паёмбар (с) равшантар ва намоёнтар нест, локин бо вуҷуди ин, Ӯ ба ҷуз паёмбари вазифаи дигаре надорад, Худованд мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ ٦٧﴾ [المائدة: ٦٧]

**«Эй паёмбар, он чиро, ки аз Парвардигорат бар ту нозил шудааст, ба мардум бирасон».**

**Сураи Моида 67**

Ва вазифаи паёмбар ба ҷуз расондан баён намудани он низ мебошад,

Худованд мефармояд:

﴿وَمَا عَلَى ٱلرَّسُولِ إِلَّا ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ ٥٤﴾ [النور: ٥٤]

**«Ва бар ӯҳдаи паёмбар ғайри таблиғи ошкор ҳеҷ нест».**

**Сураи Нур 54**

Ва ин чунин мешавад, ки баён аз ҷониби Худованд низ бошад, чуноне мефармояд:

﴿فَإِذَا قَرَأۡنَٰهُ فَٱتَّبِعۡ قُرۡءَانَهُۥ ١٨ ثُمَّ إِنَّ عَلَيۡنَا بَيَانَهُۥ ١٩﴾ [القيامة: ١٨، ١٩]

**«Чун хондемаш, ту он хонданро пайравӣ кун. Сипас баёни он бар ухдаи Мост».**

**Сураи Қиёмат 18- 19**

Ва суннат низ ваҳест аз ҷониби Худованд чуноне ки мефармояд:

﴿وَمَا يَنطِقُ عَنِ ٱلۡهَوَىٰٓ ٣ إِنۡ هُوَ إِلَّا وَحۡيٞ يُوحَىٰ ٤﴾ [النجم: ٣، ٤]

**«Ва (Муҳаммад) сухан аз рӯи ҳаво (ҳавас) намегӯяд. Ин сухан фақат он чизест, ки ба ӯ ваҳй мешавад».**

**Сураи Наҷм 3 - 4**

Ҳаргоҳ, ки паёмбар (с) суоле карда мешуд ва дар собиқ ҷавоби онро агар аз тариқи ваҳй медонист ҷавоб медод вагарна интизори ваҳй мешуд.

Ва наздиктарин мардум ба фаҳми паёмбар (с) саҳобаҳояш буданд ва фаҳмидани онҳо Қуръонро ҳуҷҷат аст, Ва ҳарки бигуяд, ки касе ба ҷуз Худованд ҳаққи дар шариъат ворид намудани чизеро мисли

Худованд ҳақ дорад, мисли: чизеро ҳалол намудан ё ҳаром гардонидан аз пеши худ дорад, гуё ки худро дар ҳукми Худованд шарик сохтааст, Ва ин ширке аст, ки  касе дар он ихтилоф надорад.

Худованд китобашро нозил накардааст магар ин ки дар гуфтаҳояш он маъноест, ки онро мехоҳад, Ва мақсадашро касе ҳаққи тафсир кардан надорад магар худи Ӯ ва ҳар касеро, ки аз бандагонаш иҷозаи онро дода бошад.

Барои инсоне, ки аз Қуръон маъноеро истихроҷ мекунад ду шарт аст:

**Аввал:** Аз забони араби ва асли он дар ифроду таркибаш берун набошад.

**Дувум:** Маъноеро, ки истихроҷ мекунад бо маънои собитшуда аз Қуръон мухолиф набошад.

Чунон нест, ки ҳарчи ба Худованд нисбат дода шавад аз ҷониби Ӯ бошад, бе шубҳа ононе, ки аз аҳли китоб мукаллаф ба истинбот буданд гумроҳ шуданд, чуноне ки Худованд дар бораи аҳли китоб мефармояд:

﴿وَإِنَّ مِنۡهُمۡ لَفَرِيقٗا يَلۡوُۥنَ أَلۡسِنَتَهُم بِٱلۡكِتَٰبِ لِتَحۡسَبُوهُ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَمَا هُوَ مِنَ ٱلۡكِتَٰبِ وَيَقُولُونَ هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ وَمَا هُوَ مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ وَيَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ٧٨﴾ [ال عمران: ٧٨]

**«Ва аз миёни онҳо гурӯҳе ҳастанд, ки ба шеваи китоби Худо сухан мегӯянд, то пиндоред, ки он чӣ мегӯянд, аз китоби Худост, дар ҳоле ки аз китоби Худо нест. Ва мегӯянд, ки аз чониби Худо омада ва ҳол он ки аз ҷониби Худо наёмада аст. Ва худ медонанд, ки бар Худо дурӯғ мебанданд».**

**Сураи Оли Имрон 78**

Мегуяд:

﴿يَلْوُونَ أَلْسِنَتَهُم بِٱلْكِتَٰبِ ۝٧٨﴾

**«ба шеваи китоби Худо сухан мегӯянд»**

На ба ғайри он

﴿لِتَحْسَبُوهُ ۝٧٨﴾

**«то пиндоред, ки он чӣ мегӯянд, аз китоби Худост»**

Аз шиддати наздикияш ба он, яъне дар гумроҳи.

## Фасли севум

Аз ҳуқуқҳои Худованд: Ягона донистани Ӯ дар тамоми навъҳои ибодатҳо аст, Худованд мефармояд:

﴿وَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلرَّحۡمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ ١٦٣﴾ [البقرة: ١٦٣]

**«Худои шумо Худоест яктост. Худое ғайри Ӯ нест бахшоянда ва меҳрубон!».**

**Сураи Бақара 163**

Ва касеро дар амалҳои қалби ва забони ва аъзоҳо бар Ӯ шарик наовардан,

Худованд мефармояд:

﴿وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗاۖ ٣٦﴾ [النساء: ٣٦]

**«Худоро бипарастед ва ҳеҷ чизеро шарики Ӯ масозед».**

**Сураи Нисо 36**

Ширки акбар савоберо дар инсон боқи нахоҳад монд,

Худованд мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ أُوحِيَ إِلَيۡكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكَ لَئِنۡ أَشۡرَكۡتَ لَيَحۡبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٦٥﴾ [الزمر: ٦٥]

**«Ба ту ва паёмбарони пеш аз ту ваҳӣ шудааст, ки агар ширк биёваред, амалҳоятон ночиз гардад ва худ аз зиёнкунандагон хоҳед буд».**

**Сураи Зумар 65**

Ин хитоб ба суи Паёмбар (с) мебошад пас ҳоли дигарон бо ин хитоб чигуна бошад?

Худованд гуноҳи ширкро намебахшад магар бо тавбааш, Худованд мефармояд:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُۚ وَمَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱفۡتَرَىٰٓ إِثۡمًا عَظِيمًا ٤٨﴾ [النساء: ٤٨]

**«Албатта Худо гуноҳи касонеро, ки ба Ӯ ширк оваранд, намебахшад ва гуноҳони дигарро барои ҳар кӣ бихоҳад, меомурзад. Ва ҳар кӣ ба Худо ширк оварад, дурӯғе сохта ва гуноҳе бузург муртакиб шудааст».**

**Сураи Нисо 48**

Боз мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ ثُمَّ مَاتُواْ وَهُمۡ كُفَّارٞ فَلَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَهُمۡ ٣٤﴾ [محمد: ٣٤]

**«Худо касонеро, ки кофир шуданд ва мардумро аз роҳи Худо боздоштанд ва дар куфр мурданд, ҳаргиз нахоҳад бахшид».**

**Сураи Муҳаммад 34**

Ва ҳар ки бо куфр бимирад пас ӯ дар оташ аст, Худованд мефармояд:

﴿وَمَن يَرۡتَدِدۡ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَيَمُتۡ وَهُوَ كَافِرٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ حَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٢١٧﴾ [البقرة: ٢١٧]

**«Аз миёни шумо онҳое, ки аз дини худ бозгарданд ва кофир бимиранд, аъмолашон дар дунё ва охират нобуд шуда ва ҷовидона дар ҷаҳаннам бошанд!».**

**Сураи Бақара 217**

Ва боз мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَمَاتُواْ وَهُمۡ كُفَّارٌ أُوْلَٰٓئِكَ عَلَيۡهِمۡ لَعۡنَةُ ٱللَّهِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلنَّاسِ أَجۡمَعِينَ ١٦١﴾ [البقرة: ١٦١]

**«Бар онон, ки кофир буданд ва дар кофирӣ мурданд, лаъанати Худо ва фариштагону ҳамаи мардум бод!»**

**Сураи Бақара 161**

Ва шояд кофир дар ҳаёташ ба мардум фоидае бирасонад, локин ин арзони доштани кавниест ба монанди дигар манфиъатҳое, ки Худованд фоидаи онҳоро арзони доштааст, мисли манфиъати офтобу моҳтоб ва шамолу абрҳо, балки фоидаи инҳо барои мардум зиёдтар мебошад.

## Фасли чаҳорум

### Имон ва куфр:

Инҳо ду исм ва ду ҳукме мебошанд, ки танҳо Худованд ба онҳо ҳукм мекунад, пас касеро кофир гуфта намешавад магар бо далил ва ҳуҷат.

Мардум дар рӯи замин ба ду қисманд:

**1) Муъмин.**

**2) Кофир.**

Худованд мефармояд:

﴿هُوَ ٱلَّذِى خَلَقَكُمْ فَمِنكُمْ كَافِرٌ وَمِنكُم مُّؤْمِنٌ ۚ ﴿٢﴾﴾ [التغابن: ٢]

**«Ӯст, ки шуморо биёфарид. Баъзе аз шумо кофир ва баъзе мӯъминанд».**

**Сураи Тағобун 2**

Ва ҳукми ин ду гуруҳ онест, ки Худованд онро дар Қуръон ё суннати Паёмбараш (с) нозил кардааст.

Аммо мунофиқон онҳое мебошанд, ки:

1. Ё дар асл кофир ҳастанд ва онро пинҳон намуда дар зоҳир худро муъмин нишон медиҳанд, мисли оне, ки дар зоҳир нишон

медиҳад, ки гуё ба Худованд ва китобаш ва паёмбаронаш эмон дорад, аммо дар ботин инҳоро дуруғ мешуморад, ва инро нифоқи акбар мегуянд.

2. Ё ин, ки мусулмонанд локин гуноҳро пинҳон медоранд ва тақворо зоҳир месозанд, мисли оне ки дар зоҳир нишон медиҳад, ки дар аҳдҳояш вафодор аст, аммо дар ботин аҳдшикан мебошад, ва инро нифоқи асғар мегуянд.

Ва ин мунофиқро дар зоҳир ҳамчун муомилаи мусулмонон карда мешавад.

Дар асл молу хуни муъмин ҳаром аст, ва хуну моли кофир ҳалол аст, локин ин маънои онро надорад, ки хуну моли кофир дар ҳар сурат ҳалол аст, балки мешавад, ки хуну молаш ҳаром гардад, мисли ин, ки бо ӯ аҳд баста шавад ва ӯро амон дода шавад, ё ӯро мусулмоне ба зимаи худ бигирад, дар ин суратҳо хуну моли ӯ ҳаром хоҳад гашт.

Ва муъминро низ бо сабаби баъзе гуноҳон кушта мешавад, мисли ин ки касеро бикушад, ва ё баъди зан диданаш ё шавҳар диданаш зино кунад.

Ва касеро кофир гуфта намешавад магар он, ки ӯро Худованду расулаш кофир ҳукм кунанд:

Мисли ин, ки касе Худованду паёмбарашро дурӯғ бишуморад.

Ё инки ба Худованду паёмбараш масхара намояд, Худованд мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلْتَهُمْ لَيَقُولُنَّ إِنَّمَا كُنَّا نَخُوضُ وَنَلْعَبُۚ قُلْ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ٦٥ لَا تَعْتَذِرُوا۟ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْۚ إِن نَّعْفُ عَن طَآئِفَةٍ مِّنكُمْ نُعَذِّبْ طَآئِفَةًۢ بِأَنَّهُمْ كَانُوا۟ مُجْرِمِينَ ٦٦﴾ [التوبة: ٦٥، ٦٦]

**«Агар аз онҳо бипурсӣ, ки чӣ мекардед? Мегӯянд: «Мо бо ҳам харф мезадем ва бозӣ мекардем». Бигӯ: «Оё Худо ва оёти Ӯ ва паёмбарашро масхара мекардед?»**

**Узр наёваред. Пас аз имон кофир шудаед. Агар аз гуноҳи гурӯҳе аз шумо бигузарем, гурӯҳи дигарро, ки гунаҳкор шудаанд, азоб хоҳем кард».**

**Сураи Тавба 65 - 66**

Ё ин, ки бо Худованду паёмбараш якрави намуда ба амрҳои онҳо сар хам нанамояд.

Ё ин, ки аз аҳкоми шариъат чизеро инкор намояд, ки бо таври қатъи собит шуда бошад.

Ё ин, ки аз номи Худованд дурӯғ бигуяд, Худованд мефармояд:

﴿إِنَّمَا يَفۡتَرِي ٱلۡكَذِبَ ٱلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰذِبُونَ
١٠٥﴾ [النحل: ١٠٥]

**«Касоне дурӯғ мебофанд, ки ба оёти Худо имон надоранд. Инҳо худ дурӯғгӯянд».**

**Сураи Наҳл 105**

Ва боз мефармояд:

﴿وَمَنۡ أَظۡلَمُ مِمَّنِ ٱفۡتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوۡ كَذَّبَ بِٱلۡحَقِّ لَمَّا جَآءَهُۥٓۚ أَلَيۡسَ فِي
جَهَنَّمَ مَثۡوًى لِّلۡكَٰفِرِينَ ٦٨﴾ [العنكبوت: ٦٨]

**«Пас кист ситамкортар аз он, ки бар Худо дурӯғ мебандад ё ба ҳангоме ки ҳақ ба сӯи ӯ ояд, таксибаш мекунад (дурӯғ мешуморад)? Оё дар ҷаҳаннам ҷойгоҳе барои кофирон нест?»**

**Сураи Анкабут 68**

Дар ин оят зулм ба куфр тафсир шудааст.

Ё ин, ки ибодатеро барои ғайри Худованд анҷом бидиҳад.

Худованд мефармояд:

﴿وَمَن يَدۡعُ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ لَا بُرۡهَٰنَ لَهُۥ بِهِۦ فَإِنَّمَا حِسَابُهُۥ عِندَ رَبِّهِۦٓۚ
إِنَّهُۥ لَا يُفۡلِحُ ٱلۡكَٰفِرُونَ ١١٧﴾ [المؤمنون: ١١٧]

**«Он кас, ки ба ҷои Худои якто худои дигареро мехонад, ва ба ҳаққонияташ ҳеҷ бурҳоне надорад, ин аст, ки ҳисобаш назди Парвардигораш хоҳад буд. Ва кофирон наҷот намеёбанд».**

**Сураи Муъминун 117**

Агар чи ин ибодатро холис барои ғайри Худо анҷом бидиҳад ё ин, ки бутҳоро восита миёни худ ва худованд бигардонад, ҳамаи инҳо куфр мебошанд,

Худованд мефармояд:

﴿وَيَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمۡ وَلَا يَنفَعُهُمۡ وَيَقُولُونَ هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِۚ قُلۡ أَتُنَبِّـُٔونَ ٱللَّهَ بِمَا لَا يَعۡلَمُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ١٨﴾ [يونس: ١٨]

**«Ғайри Худо чизҳоеро мепарастанд, ки на судашон мерасонад на зиён. Ва мегӯянд: Инҳо шафеъони мо дар назди Худоянд. Бигӯ: Оё ба Худо аз чизе хабар медиҳед, ки дар замину осмон аз он хабаре надорад? Худо пок аст ва аз он чӣ бо Ӯ шарик месозед, болотар аст!».**

**Сураи Юнус 18**

Ё ин ки ончиро, ки махсуси Худованди ягона аст дигаронро дар он шарик бидонад, мисли он, ки чизеро дар шариъат бо гуфтаи касе ҳаром бидонад ё ҳалол, чунки Худованд аҳкоми шариъатро ибодат номидааст чуноне, ки мефармояд:

﴿إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِ أَمَرَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ ٤٠﴾ [يوسف: ٤٠]

**«Ҳукм ҷуз ҳукми Худо нест. Фармон додааст, ки ҷуз Ӯро напарастед».**

**Сураи Юсуф 40**

Ё ин, ки даъво кунад, ки ба ҷуз Худованд касе ғайбро медонад, мисли ҷодугарон ва ситорашиносон.

Худованд мефармояд:

﴿قُل لَّا يَعۡلَمُ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ ٱلۡغَيۡبَ إِلَّا ٱللَّهُۚ ٦٥﴾ [النمل: ٦٥]

**«Бигӯ: «Ҳеҷ кас дар осмонҳову замин ғайбро намедонад, магар Аллоҳ».**

**Сураи Намл 65**

Ё ин, ки даъво кунад, ки ӯ халқ мекунад ва зинда мекунад ва мемиронад ва дар осмону замин тасаруф мекунад.

Худованд мефармояд:

﴿أَمۡ جَعَلُواْ لِلَّهِ شُرَكَآءَ خَلَقُواْ كَخَلۡقِهِۦ فَتَشَٰبَهَ ٱلۡخَلۡقُ عَلَيۡهِمۡۚ قُلِ ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖ وَهُوَ ٱلۡوَٰحِدُ ٱلۡقَهَّٰرُ ١٦﴾ [الرعد: ١٦]

**«Ё шариконе, ки барои Худо қоил шудаанд, чизҳое офаридаанд, монанди он чӣ Худо офаридааст ва онон дар бораи офариниш ба иштибоҳ афтодаанд?» Бигӯ: «Аллоҳ офаринандаи ҳар чизест ва Ӯ ягонаву қаҳҳор аст!».**

**Сураи Раъд 16**

Ва ин чунин касе ки кофиронро ба ҷои мусулмонон дӯст бигирад ва онҳоро дӯст бидорад ва нусрат бидиҳад.

Худованд мефармояд:

﴿وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَإِنَّهُۥ مِنۡهُمۡۗ ٥١﴾ [المائدة: ٥١]

**«Ҳар кас аз шумо, ки онҳоро дӯст гирад, аз ҷумлаи онҳост».**

**Сураи Моида 51**

Ва ҳар ки имконияти шиносои бо исломро пайдо кунад локин аз ин имконият бо ихтиёри худ руй гардонад, ин гуна инсон кофир аст, агар чи ҳақиқатро надонад, чунки ӯ ҷоҳиле аст, ки фурсат

дошт ҷоҳилияшро бартараф намояду ҳақиқатро пайдо кунад.

Ба ҳамин хотир Худованд дар борои мушрикон фармуд:

﴿بَلۡ أَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ٱلۡحَقَّۖ فَهُم مُّعۡرِضُونَ ٢٤﴾ [الانبياء: ٢٤]

**«На, бештаринашон чизе аз ҳақ намедонанд ва аз он рӯй мегардонанд».**

**Сураи Анбиё 24**

Дар ин оят зикр намуд, ки онҳо ҷоҳиланд локин бо ихтиёри худашон.

Ва боз мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ عَمَّآ أُنذِرُواْ مُعۡرِضُونَ ٣﴾ [الاحقاف: ٣]

**«Ва кофирон аз он чӣ онҳоро метарсонанд, рӯй мегардонанд».**

**Сураи Аҳқоф 3**

Чун инсон имконият дошта бошад, ки ҳақро бо тамоми тафсилоташ бишносад, локин ҳангоми шуниданаш аз он руй бигардонад, узри ҷоҳилии ин гуна шахс мақбул нест, ва ин аз ҷумлаи навъҳои гумроҳии аксари мардумон мебошад, чунки онҳо аз

як тарафи ҳақ бохабар мешаванд, локин аз шунидани дигар тарафаш руй мегардонанд.

Ва аҳамият надодани аксари кофирони руи замин бар махлуқоти кавни ва шаръӣ Худованд хислати бисёре аз онҳо мебошад,

Худованд мефармояд:

﴿وَكَأَيِّن مِّنْ ءَايَةٍ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ يَمُرُّونَ عَلَيْهَا وَهُمْ عَنْهَا مُعْرِضُونَ ١٠٥﴾ [يوسف: ١٠٥]

**«Чӣ бисёр нишонаҳое дар осмонҳову замин аст, ки бар он мегузаранд ва аз он рӯй барметобанд!».**

**Сураи Юусуф 105**

Ва боз мефармояд:

﴿بَلْ أَتَيْنَٰهُم بِذِكْرِهِمْ فَهُمْ عَن ذِكْرِهِم مُّعْرِضُونَ ٧١﴾ [المؤمنون: ٧١]

**«Вале мо пандашон фиристодем ва онҳо аз пандашон рӯйгардон шуданд».**

**Сураи Муъминун 71**

Ва руй гардонидан аз корҳое, ки баъзеаш маълум аст, ҳуқуқҳои миёни инсонҳоро соқит

намегардонад, пас чи расад бар ҳуқуқи Худованд, чигуна ҳуқуқи Худованд соқит мегардад?!.

Чун ақл дар оятҳо таамулу тадаббур намекунад, пас мувофиқи беаҳамиятияш мақсадҳои шариатро аз даст додааст.

Ва ақл чун аз чизҳое бисёр равшану намоён, ки далолат бар ягонагии Худованд мекунад ва онро ҳар рӯз мебинаду мешунавад ва онро паси сар мекунад чуноне Худованд мефармояд:

﴿وَجَعَلۡنَا ٱلسَّمَآءَ سَقۡفٗا مَّحۡفُوظٗاۖ وَهُمۡ عَنۡ ءَايَٰتِهَا مُعۡرِضُونَ ٣٢﴾ [الانبياء: ٣٢]

**«Ва осмонро сақфе нигоҳдошташуда кардем ва боз ҳам аз ибратҳои он рӯ мегардонанд».**

**Сураи Анбиё 32**

Чун инсон фикр кунад, ки аҳамият надоданаш ба тафсилоти ҳақ ӯро маъзур гардонидааст, пас хатои бузурге кардааст.

Ва сабабҳои руй гардонидан аз ҳақ, ё аз такаббури мешавад, ва ё аз пушти ҳавову ҳавас рафтан ва ихтиёр намудани кайфу сафои доими мебошад, ба ҳамин хотир инсон ҳаргоҳ, ки кайфу

сафояшро аз даст медиҳад ва мусибатҳо бар сараш меояд ҳақро бо чашмаш мебинаду ба сӯи ӯ бармегардад.

## Фасли панҷум

**Имон:** Қавл асту амалу эътиқод, ва ҳамаи ин сето имон мебошад, чигунае, ки намози шом иборат аз се ракаъат мебошад ва агар як ракаъати он ноқис карда шавад намози шом номида намешавад ҳамчунин имон агар яке он се чизи зикр шуда (қавл, амал, эътиқод) ноқис гардад имон номида намешавад.

Ва ҳақиқати он се чизе, ки бо ноқис шудани якеаш имони комил аз байн меравад, яке аз хусусиёти шариъати Муҳаммад (с) мебошад, ва мақсад аз эътиқод, дӯст доштани хайр барои мардум ва ва дилро солим нигоҳ доштан аз бад биниву душмани нест, чунки ин амалҳое ҳастанд, ки бисёри мардум онро дӯст медоранд, агарчи ба вуҷуди Худованд имон надошта бошанд, балки мақсад гуфтани он бо дил ва амал кардани дил ба он мебошад:

**Гуфтани он бо дил яъне**: тасдиқ намудан ба он, ки нест худое ба ҷуз як Худо, ва Муҳаммад (с) расули Ӯст ва он чиро, ки Муҳаммад (с) аз назди парвардигораш овардааст ҳақ мебошад.

**Ва аммо амали дил ба он яъне**: Дӯст доштани Худованд ва паёмбараш ва дини исломро, ва

дӯст доштани ҳарчи ва ҳаркиро, ки Худованду паёмбараш дӯст медорад, ва бо ихлос ибодат намудани Худованд.

Ва ҳар лафзе, ки далолати ом бар хайру неки мекунад маънои онро надорад, ки "қавл" танҳо ҳамон мебошад, мисли рост гуфтан, ва бо падару модар бо мулоими суҳбат намудан ва салом додан ва роҳро ба роҳгум карда нишон додан ва мисли инҳо, чунки ҳамаи ин амалҳоро ҳамаи башарият дӯст медорад агарчи кофир бошанду ба вуҷуди Худованд имон надошта бошанд, балки мақсад аз "қавл" ончиро дар назар дорем, ки махсуси рисолати Муҳаммад (с) мебошад ва аз ҳама баландтарин мартабаи "қавл" гуфтани шаҳодатайн ва тасбиҳу такбир гуфтан мебошад.

Ва ин чунин ҳар амале, ки далолати ом бар хайру неки мекунад маънои онро надорад, ки "амал" танҳо ҳамон мебошад, мисли рафтори нек бо падару модар ё зарар диҳандаеро аз роҳи мардум дур намудан ва таъом додани фақир ва нусрат додани мазлум ва икром намудани меҳмон, Чунки ҳамаи ин амалҳоро ҳамаи башарият дӯст медорад агарчи кофир бошанду ба вуҷуди Худованд имон надошта бошанд, балки мақсад аз "амал" ончиро дар назар дорем, ки махсуси рисолати Муҳаммад (с) мебошад, мисли расонидани даъвати Муҳаммад (с) ба мардум

ва намоз хондан ва закот додан ва рӯза гирифтан ва ҳаҷ намудан ва ғайраҳо.

Ва амалҳои нек, ки тамоми динҳои осмони ва фитрати инсони дар он муштараканд, мисли дӯст доштани хайр барои мардум ва ва дилро солим нигоҳ доштан аз бадбиниву душмани ва рафтори нек бо падару модар ё зарар диҳандаеро аз роҳи мардум дур намудан ва таъом додани фақир ва нусрат додани мазлум ва икром намудани меҳмон ва мисли ин амалҳо агар холис барои Худованд бошад имонро зиёда мегардонад, локин набудани ин амалҳо имонро аз байн намебарад, ҳамчуноне, ки буданашон маънои онро надорад, ки амалкунанда муъмин аст, балки ин амалҳо далолат бар он мекунад, ки соҳибаш фитрати солим дорад чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿فِطۡرَتَ ٱللَّهِ ٱلَّتِي فَطَرَ ٱلنَّاسَ عَلَيۡهَاۚ﴾ [الروم: ٣٠]

**«Фитратест, ки Худо ҳамаро ба он фитрат халқ намудааст»**

**Сураи Рум 30**

Ва имон зиёда мегардад ва ноқис мешавад, Бо тоату ибодат зиёда мегардад ва бо гуноҳу маъсият ноқис мешавад, Ва аз байн намеравад магар бо ширку куфр.

Худованд мефармояд:

﴿إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ
ءَايَٰتُهُۥ زَادَتْهُمْ إِيمَٰنًا ﴿٢﴾﴾ [الانفال: ٢]

**«Мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун номи Худо бурда шавад, хавф дилҳошонро фаро гирад ва чун оёти Худо бар онон хонда шавад, имонашон афзун гардад»**

**Сураи Анфол 2**

Ва боз мефармояд:

﴿وَيَزْدَادَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِيمَٰنًا ﴿٣١﴾﴾ [المدثر: ٣١]

**«Ва бар имони мӯъминон бияфзояд»**

**Сураи Мудасир 31**

Ва боз мефармояд:

﴿هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ فِى قُلُوبِ ٱلْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوٓاْ إِيمَٰنًا مَّعَ إِيمَٰنِهِمْ ۗ ﴿٤﴾﴾
[الفتح: ٤]

**«Ӯст, ки бар дилҳои мӯъминон оромиш фиристод, то бар имонашон пайваста бияфзояд».**

**Сураи Фатҳ 4**

Ва собит намегардад имон баъди куфр, магар бо эътиқод бо қавли қалб ва он тасдиқ намудани рисолати Муҳаммад (с) аст ва амали қалб, ки он дӯст доштани Худованд ва паёмбараш ва ҳарчиро, ки Худованду паёмбараш дӯст медоранд, аст.

Ва ин чунин собит намегардад имон баъди куфр, магар бо қавли забон ва сипас бо амали ҷаворих (аъзоҳо).

Ва ногуфта намонад, ки ҳарки бо дилаш тасдиқ кунад ва битавонад, ки бо забонаш онро нутқ кунад, локин онро нутқ накард, пас ӯ муъмин дониста намешавад. Ва ҳарки бо дилаш тасдиқ кунад ва бо забонаш онро нутқ кунад ва битавонад, ки ба ончи ки махсуси шариат аст амал намояд, локин аз амал намудан даст кашад, пас муъмин дониста намешавад.

Ва ҳарки бихоҳад, ки онро нутқ бикунад ва ба он амал намояд локин имконияти онро надошта бошад дар ин ҳолат Худованд мефармояд:

﴿لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۚ ٢٨٦﴾ [البقرة: ٢٨٦]

**«Худованд касеро аз тоқати худ болотар мукалаф намесозад».**

**Сураи Бақара 286**

Ва боз мефармояд:

﴿لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا مَآ ءَاتَىٰهَاۚ ٧﴾ [الطلاق: ٧]

**«Худо ҳеҷ касро ғайри он андоза, ки ба ӯ додааст, вазифадор намесозад».**

**Сураи Талоқ 7**

## Фасли шашум

Худованд сифатҳои воломақом ва номҳои зебое дорад ва касе дар бораи нафси худ чуноне, ки Худованд аз он бохабар аст, хабар надорад ва ҳарчиро, ки Худованд барои худ намеписандад мо низ онро барои Ӯ намеписандем, ва исбот мекунем барои Худованд ончиро, ки Ӯ барои худаш дар китобаш ё бо забони паёмбараш исбот кардааст, ва бо шакли ом ҳар ноқисиеро барои Ӯ намеписандем, ва бо тафсил ҳар сифати камолро барои Ӯ меписандем, ва намегуем чигуна ва намегуем ба мисли ки ё бо шабоҳати ки.

Ва ҳарки Худовандро ба таври муфассал бо сифатҳои ноқиси сифат намояд мо онро барои Худованд бо таври муфассал рад менамоем чуноне, ки Худованд зану фарзандро аз барои худ қабул надорад, чуноне, ки мефармояд:

﴿أَنَّىٰ يَكُونُ لَهُۥ وَلَدٌ وَلَمۡ تَكُن لَّهُۥ صَٰحِبَةٞۖ ﴾ [الانعام: ١٠١]

**«Чӣ гуна Ӯро фарзанде бошад ва ҳол он ки Ӯро ҳамсаре нест».**

**Сураи Анъом 101**

Ва боз мефармояд:

﴿لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ٣﴾ [الاخلاص: ٣]

**«На зоида аст ва на зоида шуда»**

**Сураи Ихлос 3**

Ва Худованд аз он чи, ки яҳудиён Ӯро ба сифати бахили васф карда буданд онро рад намуда мефармояд:

﴿وَقَالَتِ ٱلۡيَهُودُ يَدُ ٱللَّهِ مَغۡلُولَةٌۚ غُلَّتۡ أَيۡدِيهِمۡ وَلُعِنُواْ بِمَا قَالُواْۘ بَلۡ يَدَاهُ مَبۡسُوطَتَانِ ٦٤﴾ [المائدة: ٦٤]

**«Яҳуд гуфтанд, ки дасти Худо баста аст. Дастҳои худашон баста бод? Ва ба он сухан, ки гуфтанд, малъун гаштанд. Дастҳои Худо кушода аст».**

**Сураи Моида 64**

Ва ончи, ки аз тариқи ваҳй нозил шудааст чуноне, ки аст ҳамон тавр онро қабул дорем, мисли ончи, ки дар асмо ва сифоти Худованд омадааст, ҳақиқати онро исбот мекунем ва баъзе асарҳояшро пайгири мекунем, ва аз он зиёд кофтукоб намекунем, ва чизе ба монанди Худованд нест.

Худованд мефармояд:

﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١﴾ [الشورى: ١١]

**«Ҳеч чиз монанди Ӯ нест ва Ӯст, ки шунавову биност!».**

**Сураи Шуро 11**

Ва ҷоиз нест, ки сифатҳои Худовандро бо чизе қиёс кунем, чун барои қиёс лозим аст, ки аслу фаръ дошта бошад ва Худованд ҳеҷ монанде надорад, на таваллуд мекунад ва на таваллуд шудааст ва касе ба Ӯ баробар шуда наметавонад.

Ва ақлҳо олатҳое мебошанд, ки Худованд онҳоро халқ намудааст ҳарчиро, ки мебинад ҳамонро қиёс мекунад, Худованд ончиро, ки дар бораи худ хабар додааст танҳо ҳамонро мешунавад локин онро надидааст, пас он шунидаашро ба ҳар монандие, ки мебинад ба он қиёсаш мекунад, ва ҳар ақл мувофиқи ончи, ки дидааст ҳамон тавр тасавураш мекунад ва кайфияти онро мувофиқи ончи, ки мебинад тасавур мекунад ва ақле нест, ки Худовандро бо чизе монанд кунонад, пас набояд номе аз номҳои Худовандро ё сифате аз сифатҳояшро ба хотири ҳар сифате, ки дар назари мо бад намоён аст беҳуда ё рад намоем, ё яке аз номҳои Худовандро ба чизи номуносибе қиёс намоем, ки бо он корамон хабари саҳеҳеро такзиб намоем, локин ончики бар мо лозим аст, он аст ки

ҳарчи дар назарамон маънои бад дорад Худовандро аз он муназзаҳ бидонем ва он номҳо ё сифатҳоеро, ки Худованд барои худ пазируфтааст мо низ онро исбот намоем ва аз он ҳудуд берун наравем то, ки дучори хатои бузурге нагардем.

Худованд мефармояд:

﴿يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡ وَلَا يُحِيطُونَ بِهِۦ عِلۡمٗا ١١٠﴾ [طه: ١١٠]

**«Ҳар чиро дар пеши рӯи онҳост ва ҳар чиро дар пушти сарашон аст медонад ва илми онон Ӯро дар бар нагирад».**

**Сураи Тоҳо 110**

Ва боз мефармояд:

﴿لَّا تُدۡرِكُهُ ٱلۡأَبۡصَٰرُ وَهُوَ يُدۡرِكُ ٱلۡأَبۡصَٰرَۖ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلۡخَبِيرُ ١٠٣﴾ [الانعام: ١٠٣]

**«Чашмҳо Ӯро намебинанд ва Ӯ бинандагонро мебинад. Дақиқу огоҳ аст!»**

**Сураи Анъом 103**

Ва Худованд барқарор аст болои аршаш дар осмон.

Худованд мефармояд:

﴿هُوَ ٱلۡأَوَّلُ وَٱلۡأٓخِرُ وَٱلظَّٰهِرُ وَٱلۡبَاطِنُۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ ۝٣ هُوَ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۖ يَعۡلَمُ مَا يَلِجُ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا يَخۡرُجُ مِنۡهَا وَمَا يَنزِلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ وَمَا يَعۡرُجُ فِيهَاۖ وَهُوَ مَعَكُمۡ أَيۡنَ مَا كُنتُمۡۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ۝٤﴾ [الحديد: ٣، ٤]

**«Ӯст аввалу охир ва зоҳиру ботин ва Ӯ ба ҳар чизе доност! Ӯст, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид. Сипас ба Арш истиво ёфт. Ҳар чиро дар замин фурӯ равад ва ҳар чиро аз замин берун ояд ва ҳар чиро аз осмон фуруд ояд ва ҳар чиро ба осмон боло равад, медонад. Ва ҳар ҷо, ки бошед, ҳамроҳи шумост ва ба ҳар коре, ки мекунед, биност!».**

**Сураи Ҳадид 3 - 4**

Худованд ин барқароррияшро худ исбот намудааст ва илми Ӯ тамоми чизро дар бар гирифтааст ва ҳамроҳияшро ба бандагонаш хабар додааст, Ӯ бо бандагонаш аст бо илмаш ва шунавоияш ва бинояш чуноне, ки мефармояд:

﴿وَهُوَ مَعَكُمۡ أَيۡنَ مَا كُنتُمۡۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ۝٤﴾ [الحديد: ٤]

**«Ва ҳар ҷо, ки бошед, ҳамроҳи шумост ва ба ҳар коре, ки мекунед, биност!»**

**Сураи Ҳадид 4**

Ва Ӯ бо дӯстдоронаш аст, бо нусрат доданашон ва пуштибони карданашон ва рози буданаш аз онҳо чуноне, ки ба Мусо (а) ва Ҳорун (а) гуфт:

﴿قَالَ لَا تَخَافَآۖ إِنَّنِي مَعَكُمَآ أَسۡمَعُ وَأَرَىٰ ٤٦﴾ [طه: ٤٦]

**«Гуфт: «Матарсед. Ман бо шумо ҳастам. Мешунаваму мебинам».**

**Сураи Тоҳо 46**

Ва барои Худованд хостаҳояш ичро шаванда аст, дар тамоми чизҳо ҳарчиро бихоҳад ичро мегардад ва ҳарчиро нахоҳад ичро нахоҳад гашт, мо инро исбот мекунем чуноне, ки Худованд онро барои худаш исбот кардааст ва дар ин бора аз ин зиёд кофтукоб намекунем чуноне, ки ақлониён ин корро мекунанд, дар умури имконнопазирҳо дохил мешаванд, ва мехоҳанд ду чизи боҳам зидро якҷо намоянд.

Худованд мефармояд:

﴿قَالَ كَذَٰلِكَ ٱللَّهُ يَفۡعَلُ مَا يَشَآءُ ٤٠﴾ [ال عمران: ٤٠]

**«Гуфт; Ба он сон, ки Худо ҳар чӣ бихоҳад, мекунад».**

**Сураи оли Имрон 40**

Ва боз мефармояд:

﴿وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَفۡعَلُ مَا يُرِيدُ ٢٥٣﴾ [البقرة: ٢٥٣]

**«Вале Худо ҳар чӣ хоҳад мекунад».**

**Сураи Бақара 253**

Ва боз мефармояд:

﴿ذُو ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡمَجِيدُ ١٥ فَعَّالٞ لِّمَا يُرِيدُ ١٦﴾ [البروج: ١٥، ١٦]

**«Ӯст соҳиби Арши бузург. Ҳар чиро ирода кунад, ба анҷом мерасонад».**

**Сураи Буруҷ 15 - 16**

Ва мо исбот мекунем ончиро ки аз тариқи ваҳй исбот шудааст, ва дар ғайри он боз меистем ва ҳарчиро, ки ақл далолат бар ноқиси мекунад Худовандро аз он муназзаҳ медонем агар чи ин ноқисиҳо дар Қуръону суннат зикр нашуда бошанд, мисли ғамгини ва гиря ва гуруснаги ва ғайраҳо.

## Фасли ҳафтум

Қуръон каломи Худованд аст ва дар ҳақиқат Худованд онро бо ҳарфҳо ва оятҳову сураҳояш сухан гуфтааст, ва мо намегуем, ки Қуръон иборат ё ҳикояте аз маънои сухани Худованд аст, ва балки мегуем Худованд то ҳол сухан мегуяд ва ҳар вақто, ки хоҳад сухан бигуяд, мегуяд чуноне, ки мефармояд:

﴿وَرُسُلٗا قَدۡ قَصَصۡنَٰهُمۡ عَلَيۡكَ مِن قَبۡلُ وَرُسُلٗا لَّمۡ نَقۡصُصۡهُمۡ عَلَيۡكَۚ وَكَلَّمَ ٱللَّهُ مُوسَىٰ تَكۡلِيمٗا ١٦٤﴾ [النساء: ١٦٤]

**«Ва паёмбароне, ки пеш аз ин достонҳояшонро барои ту гуфтаем ва онон, ки достонҳояшонро барои ту нагуфтаем. Ва Худо бо Мӯсо сухан гуфт, сухан гуфтане бевосита».**

**Сураи Нисо 164**

Ва боз мефармояд:

﴿وَلَمَّا جَآءَ مُوسَىٰ لِمِيقَٰتِنَا وَكَلَّمَهُۥ رَبُّهُۥ ١٤٣﴾ [الاعراف: ١٤٣]

**«Чун Мӯсо ба миъодгоҳи (ваъдагоҳи) мо омад ва Парвардигораш бо ӯ сухан гуфт».**

**Сураи Аъроф 143**

Ва каломи Худованд суханаш мебошад чуноне, ки мефармояд:

﴿وَٱللَّهُ يَقُولُ ٱلۡحَقَّ ۝٤﴾ [الاحزاب: ٤]

**«Ва Худованд ҳақро мегуяд».**

**Сураи Аҳзоб 4**

Ва каломи Худованд дар синаҳо ҳифз мешавад чуноне, ки мефармояд:

﴿بَلۡ هُوَ ءَايَٰتُۢ بَيِّنَٰتٞ فِي صُدُورِ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡعِلۡمَۚ ۝٤٩﴾ [العنكبوت: ٤٩]

**«Балки Қуръон оётест равшан, ки дар синаи аҳли дониш ҷой дорад».**

**Сураи Анкабут 49**

Ва каломи Худованд бо гушҳо шунида мешавад чуноне, ки мефармояд:

﴿وَإِنۡ أَحَدٞ مِّنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ٱسۡتَجَارَكَ فَأَجِرۡهُ حَتَّىٰ يَسۡمَعَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ۝٦﴾ [التوبة: ٦]

**«Ва ҳар гоҳ яке аз мушрикон ба ту паноҳ овард, паноҳаш деҳ то каломи Худоро бишнавад, сипас ба макони амнаш бирасон, зеро инҳо мардуме нодонанд».**

**Сураи Тавба 6**

Ва бо вуҷуди он, ки расонандаи сухани Худованд ба суи бандагонаш Паёмбар (с) мебошад ин маънои онро надорад, ки сухан, сухани Худованд набошад.

Ва сухани Худованд навишта шудааст дар варақҳо чуноне, ки мефармояд:

﴿وَكِتَٰبٍ مَّسۡطُورٖ ۝٢ فِي رَقّٖ مَّنشُورٖ ۝٣﴾ [الطور: ٢، ٣]

**«Ва қасам ба китоби навишташуда, дар сафҳае кушода (Қуръон)».**

**Сураи Тур 2 - 3**

Ва ин чунин Худованд каломашро дар назди худ дар лавҳи маҳфуз ҳифз намудааст чуноне, ки мефармояд:

﴿بَلۡ هُوَ قُرۡءَانٞ مَّجِيدٞ ۝٢١ فِي لَوۡحٖ مَّحۡفُوظِۢ ۝٢٢﴾ [البروج: ٢١، ٢٢]

**«Бале, ин Қуръони маҷид аст. Дар лавҳи маҳфуз!».**

**Сураи Буруҷ 21- 22**

Ва боз мефармояд:

﴿وَإِنَّهُۥ فِيٓ أُمِّ ٱلۡكِتَٰبِ لَدَيۡنَا لَعَلِيٌّ حَكِيمٌ ۝٤﴾ [الزخرف: ٤]

**«Ва он дар уммулкитоб аст дар назди Мо: китобе арҷманду ҳикматомез».**

**Сураи Зухруф 4**

Ва навишта будани он низ маънои онро надорад, ки он сухани Худованд набошад, чунки варақ махлуқ аст ва ҳамчунин ранг низ чуноне, ки мефармояд:

﴿وَلَوۡ نَزَّلۡنَا عَلَيۡكَ كِتَٰبٗا فِي قِرۡطَاسٖ ۝٧﴾ [الانعام: ٧]

**«Ҳатто агар китобе навишта бар рӯи коғаз бар ту нозил мекардем».**

**Сураи Анъом 7**

Дар ин оят китобро мустақил зикр намудааст ва қоғазро мустақил аз китоб.

Дар ин оят Худованд исбот намудааст, ки Қуръон каломи Ӯст агарчи онро қаламҳои махлуқшуда бинависанд ва бо кумаки қаламҳо навишта шавад чуноне, ки мефармояд:

﴿وَلَوۡ أَنَّمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ مِن شَجَرَةٍ أَقۡلَٰمٞ وَٱلۡبَحۡرُ يَمُدُّهُۥ مِنۢ بَعۡدِهِۦ سَبۡعَةُ أَبۡحُرٖ مَّا نَفِدَتۡ كَلِمَٰتُ ٱللَّهِۚ ۝٢٧﴾ [لقمان: ٢٧]

**«Ва агар ҳамаи дарахтони рӯи замин қалам шаванд ва дарё мураккаб (ранг) ва ҳафт дарёи дигар ба мададаш биёяд, суханони Худо поён намеёбад».**

**Сураи Луқмон 27**

Ва боз мефармояд:

﴿قُل لَّوۡ كَانَ ٱلۡبَحۡرُ مِدَادٗا لِّكَلِمَٰتِ رَبِّي لَنَفِدَ ٱلۡبَحۡرُ قَبۡلَ أَن تَنفَدَ كَلِمَٰتُ رَبِّي وَلَوۡ جِئۡنَا بِمِثۡلِهِۦ مَدَدٗا ١٠٩﴾ [الكهف: ١٠٩]

**«Бигӯ: Агар дарё барои навиштани калимоти Парвардигори ман ранг шавад, дарё ба поён мерасад ва калимоти Парвардигори ман ба поён намерасад, ҳарчанд дарёи дигаре ба мадади он биёварем».**

**Сураи Каҳф 109**

Ва ончиро, ки қаламҳо навиштаанд ва ончиро, ки нанавиштаанд ҳама бе фарқият каломи Худованд мебошанд.

Ва ҳарки бигуяд, ки каломи Худованд махлуқ аст бе шубҳа кофир шудааст, чунки каломи Ӯ сифате аз ситфатҳояш мебошад ва Худованд миёни махлуқоташ ва каломаш фарқ гузоштааст чуноне, ки мефармояд:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۖ يُغۡشِي ٱلَّيۡلَ ٱلنَّهَارَ يَطۡلُبُهُۥ حَثِيثٗا وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ وَٱلنُّجُومَ مُسَخَّرَٰتِۭ بِأَمۡرِهِۦٓۗ أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُۗ تَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٥٤﴾ [الاعراف: ٥٤]

**«Парвардигори шумо Аллоҳ аст, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид. Пас бар Арш баланд ва муртафиъ гардид. Рӯзро ба шаб мепушонад ва шаб шитобон онро металабад. (Инчунин рӯз ҳам шабро мепушонад ва шитобон онро металабад) Ва офтобу моҳ ва ситорагон мусаххари фармони Ӯ ҳастанд. Огоҳ бошед, ки Ӯрост офаринишу фармонравоӣ. Худо, он Парвардигори ҷаҳониён, бағоят бузург аст!».**

**Сураи Аъроф 54**

Фарқ гузоштааст миёни махлуқоташ, ки он замин асту осмон ва моҳ асту ситораҳо ва байни амраш, ки он сухани Ӯ мебошад, ки ба воситааш амр намудааст, ки онҳо халқ шаванд чуноне, ки мефармояд:

﴿مُسَخَّرَٰتِۭ بِأَمۡرِهِۦٓۗ ٥٤﴾ [الاعراف: ٥٤]

**«Мусаххари фармони Ӯ ҳастанд».**

**Сураи Аъроф 54**

Худованд садоҳои хонандагонро ҳамчун қориёнро ба воситаи халқ намудани лабҳо ва забону ҳалқ, ва ҳавои нафасу оби даҳон ва ҳаракатҳояшон халқ намудааст, ва инҳам маънои онро надорад, киончи шунида мешавад сухани Худованд набошад чуноне, ки мефармояд:

﴿وَقَدۡ كَانَ فَرِيقٞ مِّنۡهُمۡ يَسۡمَعُونَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ٧٥﴾ [البقرة: ٧٥]

**«Ва ҳол он ки гурӯҳе аз онҳо каломи Худоро мешуниданд».**

**Сураи Бақара 75**

Ончи, ки шунида мешавад сухани Худованд аст агар чи бо лафзи қори (хонанда) бошад, чуноне ки баъзе аҳли илм мегуянд: "Садо, садои қори аст ва сухан, сухани Худованд".

## Фасли ҳаштум

Дар якҷоягии ақлу нақл[1] (Қуръон ва Суннати паёмбар (с)) ҳақиқати шариъатро фаҳмида мешавад, На нақл онеро фоида дорад, ки ақлашро аз даст додааст ва на ақл онеро фоида дорад, ки нақлро аз даст додааст, яъне бо камбудии яке аз ин ду амр дар шинохтани ҳақиқат ноқиси ворид мешавад ва агар ақлу нақл дар зоҳир бо ҳам зид бошанд дар ин сурат нақлро бар ақл муқадам дониста мешавад, Ва онро мавриди амал қарор дода мешавад, чунки нақл илми Худованди комилуссифот аст, аммо ақл бошад илми махлуқи пур аз камбудиҳо аст.

Ақл мисли чашм аст ва нақл мисли нур аст, ва бинои бо чашм дар торики фоидае надорад ва оқил низ бидуни ваҳй аз ақлаш истифода бурда наметавонад, чунки чашм ба миқдори рушнои мебинад, ва ақл ба миқдори ваҳй ҳидоят меёбад ва бо пуррагии ақлу нақл бинои ва ҳидоят пурра мегардад, чуноне ки чашм дар нисфирузи ба пурраги ҳамаро мебинад.

Худованд мефармояд:

---

[1] - Ончи ки дар Қуръон ва Суннат омадааст онро нақл мегуянд.

﴿أَوَ مَن كَانَ مَيۡتٗا فَأَحۡيَيۡنَٰهُ وَجَعَلۡنَا لَهُۥ نُورٗا يَمۡشِي بِهِۦ فِي ٱلنَّاسِ كَمَن مَّثَلُهُۥ فِي ٱلظُّلُمَٰتِ ١٢٢﴾ [الانعام: ١٢٢]

**«Оё он касе, ки мурда буд ва Мо зиндааш сохтем ва нуре дар роҳаш доштем, то ба он дар миёни мардум роҳи худро биёбад, монанди касест, ки ба торикӣ гирифтор аст ва роҳи берун шуданро намедонад?».**

**Сураи Анъом 122**

Пас оқил дар ҳаёташ аз ақлаш истифода мебарад, ҳамчунин ҳайвонотҳо ва парандаҳо аз эҳсосоташон истифода мебаранд, онҳо мувофиқи замонҳо рихлат ва сукунат мекунанд ва ҳамдигарро мешиносанд, ва заминҳоеро, ки муносиби лонасози мебошанд онро низ медонанд ва душманонашонро низ мешиносанд.

Локин инсон бо ақлаш ба сӯи парвардигораш ҳидоят намеёбад, магар аз роҳи ваҳй нозил шуда бар паёмбараш, ва инсон дар гумроҳи аст бидуни ваҳй чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿ٱللَّهُ وَلِيُّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ يُخۡرِجُهُم مِّنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِۖ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَوۡلِيَآؤُهُمُ ٱلطَّٰغُوتُ يُخۡرِجُونَهُم مِّنَ ٱلنُّورِ إِلَى ٱلظُّلُمَٰتِۗ ٢٥٧﴾ [البقرة: ٢٥٧]

**«Худо ёвари мӯъминон аст. Онҳоро аз торикиҳо ба равшанӣ мебарад. Вале онон, ки кофир шудаанд, тоғут (бутҳо ва худоҳои дурӯғин) ёвари онҳост, ки онҳоро аз равшанн ба торикиҳо мекашанд».**

**Сураи Бақара 257**

Бубинед дар ин оят мегуяд: يُخْرِجُهُم яъне онҳоро хорич мекунад аз торики, чунки онҳо бидуни ваҳй дохили гумроҳи мебошанд.

Ва чигунае, ки равшани фарқ мекунад, мисли равшании оташ ва равшании нур ҳамчунин ваҳй якто мебошад, агарчи навъҳояш фарқ кунанд ва навъҳояш китоб ва суннат мебошанд.

Худованд мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ ۝٥٩﴾ [النساء: ٥٩]

**«Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро итоъат кунед ва ба расул фармон баред».**

**Сураи Нисо 59**

Ва ҳарки бигуяд, ки бо ақлаш ва бидуни ваҳй ҳидоят меёбад мисли он аст, ки мегуяд дар торики бо чашмонаш бидуни равшани роҳро пайдо мекунад.

Ва Худованд ваҳяшро ҳамчун нуре васф намудааст, ки ба воситааш махлуқоташ ҳидоят меёбанд.

Худованд мефармояд:

﴿فَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِهِۦ وَعَزَّرُوهُ وَنَصَرُوهُ وَٱتَّبَعُواْ ٱلنُّورَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ مَعَهُۥٓ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٥٧﴾ [الاعراف: ١٥٧]

**«Пас касоне, ки ба ӯ имон оварданд ва ҳурматашро нигоҳ доштанд ва ёриаш карданд ва аз он китоб, ки ба ӯ нозил кардаем, пайравӣ карданд, наҷот ёфтагонанд!».**

**Сураи Аъроф 157**

Ва Худованд аст, ки паёмбаронашро бо пайравонашон ҳидоят мекунад.

Мо ба ҳамаи амрҳои Худованд таслим мешавем, Ва аз он чи, ки моро наҳи фармудааст боз меистем, Ва тасдиқ мекунем ончиро, ки ба мо хабар додааст, баробар аст, ки сабаб ё илаташро бидонем ё на, ва ингуна нест, ки ҳар чизи маъқулеро ҳамаи ақлҳо дарк намоянд, пас чи гуна ончиро, ки ақлҳо аз дарк намуданашон оҷизанд лозим донист шавад, ки тамоми ақлҳо дар он итифоқ кунанд.

Ва ҳарки мегуяд, ки ман имон намеорам ба аҳкоми Худованд магар ба он, ки бо ақли ман

муносиб бошад ва ба он чи, ки бо ақли ман муносиб набошад ба он имон намеорам, ин гуна инсон бе шубҳа ақлро аз нақл муқадам медонад, ва ончиро, ки ақл дарк намекунад маънои онро надорад, ки он чиз вуҷуд надорад, балки он ақл аст, ки онро дарк накардааст ва он мавҷуд аст, чунки ақл марзу ҳудуде дорад, ки аз он гузашта наметавонад чигунае, ки биноии чашм ҳудуд дорад, ва ҳамчунин шунавоии гуш низ ҳудуд дорад, мурча садо дорад локин гуш онро намешунавад, ва дар осмон моҳу ситораҳое мебошад, ки онро чашм намебинад, ва ҳамаи ин маънои онро надорад, ки онҳо вуҷуд надоранд.

## Фасли нуҳум

Қонунгузори, танҳо азони Худованд аст, бо илму ҳикматаш чизеро бихоҳад ҳалол мегардонад ва чизеро бихоҳад ҳаром мегардонад, ва шариъати Худованд ба хотири ислоҳи дину дунё омадааст, амру наҳи Худованд аз сари касе аз бандагонаш на дар ягон замон ва на дар ягон макон бардошта намешавад, магар бо хости худи Худованд.

Мо байни қонунҳои Худованд дар дин ва қонунҳояш дар дунё ҳеҷ фарқе намегузорем, чунки ҳамаи онҳо амрҳои дини ва дуняви мебошанд.

**Амрҳои динии Худованд**: мисли намоз, рӯза, ҳаҷ, зикр, бинои масҷидҳо, ва ғайра.

**Амрҳои дунявии Худованд**: мисли хариду фуруш, никоҳ, талоқ, ва маворис, ва ғайра.

Ва ҳар, ки байни ин ду фарқ бигузорад ва бигуяд ки Худованд танҳо дар умури дин ҳукмрон аст ва дар умури дуняви каси дигаре ҳукмрон аст, бе шубҳа ки кофир шудааст, чунки қонунгузори, танҳо аз ҷониби Худованд аст, ва ҳар ки онро аз ҷониби дигар кас бидонад, мисли оне аст, ки саҷдаро барои дигар кас ба ҷуз  Худованд ҷоиз донистааст.

Худованд мефармояд:

﴿إِنِ ٱلۡحُكۡمُ إِلَّا لِلَّهِ أَمَرَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ ٤٠﴾ [يوسف: ٤٠]

**«Ҳукм ҷуз ҳукми Худо нест. Фармон додааст, ки ҷуз Ӯро напарастед».**

**Сураи Юсуф 40**

Ба ҳамин хотир бани Исроил кофир гаштанд чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿ٱتَّخَذُوٓاْ أَحۡبَارَهُمۡ وَرُهۡبَٰنَهُمۡ أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ وَٱلۡمَسِيحَ ٱبۡنَ مَرۡيَمَ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُوٓاْ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗاۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۚ سُبۡحَٰنَهُۥ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٣١﴾ [التوبة: ٣١]

**«Олимону обидони хеш ва Масеҳ писари Марямро ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ гирифтанд ва ҳол он, ки маъмур буданд, ки танҳо як худоро бипарастанд, ки ҳеҷ худое ҷуз Ӯ нест. Пок аст аз он чӣ шарикаш месозанд!»**

**Сураи Тавба 31**

Бубинед, ки Худованд дар ин оят кори онҳоро ширк номидааст.

Худованд китобашро нозил кардааст ва шариъаташро барпо доштааст, ва Ӯ медонад, ки дар оянда чи мешавад ва аз ончи, ки дар гузашта буд низ медонад ҳамчуноне, ки медонад ва мебинад ҳолат ва замонеро, ки шариъаташро нозил кардааст.

Худованд дар илми худ дар бораи гузаштаҳо ноқисие надорад, чун ончи, ки буд дар гузашта буд ва ҳамчунин дар замони оянда низ, ва дар он чи дар ҳоли ҳозир мегузарад илми Худованд дар он зиёду кам намегардад чунки илми Худованд ҳам гузашта ва ҳам оянда ва ҳам ҳозираро дар бар гирифтааст ва илми Ӯ дар бораи ҳама замонаҳо баробар аст.

Ва ҳар ки эътиқод кунад, ки ҳукми Худованд танҳо солеҳи он замоне мебошад, ки дар он нозил шудааст ва мардумони замонҳои дигар метавонанд мувофиқи хостаи худашон ҳукмгузори кунанд, агарчи мухолифи аҳкоми Худованд бошад, пас ин куфр аст, чунки гуяндаи ин сухан фикр мекунад, ки фаҳмиши инсон байни ончиро, ки мебинад ва ончиро, ки намебинад фарқ дорад, ба ҳамин хотир ҳукмаш низ мувофиқи фаҳмишаш мебошад, соҳиби ин гуна эътиқод фикр мекунад, ки Худованд низ ҳамин тавр аст, ва илми инсонро дар бораи замонаи ҳозира муқадам медонад аз илми Худованд дар бораи ғайб ҳангоми нозил шудани ваҳйи, ин эътиқоди куфру ширк мебошад.

Илми Худованд ҳамаро дар бар мегирад, чи илми ғайб бошад ва чи ҳозира.

Худованд мефармояд:

﴿عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ﴿٩٢﴾﴾ [المؤمنون: ٩٢]

**«Донои пинҳону ошкоро, аз ҳар чӣ шарики Ӯ месозанд, болотар аст».**

**Сураи Муъминун 92**

Худованд ҳукмрон аст бар бандагонаш, чи дар гузашта бошад ва чи дар ҳозира.

Ва ҳарки байни ҳукми дин ва ҳукми дунё фарқ бигузорад ва ҳукми динро аз барои Худованд бидонаду ҳукми дунёро аз мардум чигунае, ки либералдемократҳо даъво доранд, онҳо бо ин эътиқодашон ҳукмрониро ба чанд қисм тақсим мекунанд дар ҳоле, ки ҳукмрон танҳо Худованд аст чуноне, ки мефармояд:

﴿أَفَتُؤۡمِنُونَ بِبَعۡضِ ٱلۡكِتَٰبِ وَتَكۡفُرُونَ بِبَعۡضٖۚ ﴿٨٥﴾﴾ [البقرة: ٨٥]

**«Оё ба баъзе аз китоб (Қуръон) имон меоваред ва баъзе дигарро инкор мекунед?».**

**Сураи Бақара 85**

Пас ҳарки бо баъзе аз шохаҳои дин имон дошта бошад ва баъзеашро қабул надошта бошад гуё ки динро ба кулли қабул надорад.

Ва Худованд бандагонашро амр намудааст, ки миёни худашон Қуръонеро, ки бар Паёмбараш нозил кардааст ҳукмрон гардонанд.

Худованд мефармояд:

﴿وَأَنِ ٱحۡكُم بَيۡنَهُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ وَلَا تَتَّبِعۡ أَهۡوَآءَهُمۡ وَٱحۡذَرۡهُمۡ أَن يَفۡتِنُوكَ عَنۢ بَعۡضِ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ إِلَيۡكَۖ ٤٩﴾ [المائدة: ٤٩]

**«Миёнашон мувофиқи он чӣ Худо нозил кардааст, ҳукм кун ва аз хостҳояшон пайравӣ макун ва аз онҳо бипарҳез, ки мабодо бифиребандат, то аз баъзе аз чизҳое, ки Худо бар ту нозил кардааст, рӯй гардонӣ».**

**Сураи Моида 49**

Мақсад аз ҳукм дар ин оят ҳукм миён онҳое, ки байнашон нофаҳмиҳо шудааст мебошад.

Ва мақсад аз фитна дар ин оят, хориҷ шудан аз ҳукми Худованд аст.

Ва ҳар ҳукмеро, ки Худованд муфассал баён накардааст олимону муҷтаҳидон метавонанд онро бо иҷтиҳодашон бо тафсил баён намоянд, ба он шарт, ки мухолифи аҳкоми баёншудаи Худованд набошад.

Ва ҳукмеро, ки мардум ихтиёр намудаанд бар ҳукми Худованд муқаддам диниста намешавад, чунки агар ҳукми мардум муқаддам бошад, пас гуё ки паёмбарон пайрави ҳақ нестанд ва ин маълум аст, ки паёмбарон миёни қавмҳое ба воя расидаанд, ки ё пайрави ботил буданд ва ё аксари онҳо пайрави ботил буданд.

## Фасли даҳум

Худованд тақдирҳои махлуқоташро пеш аз он ки онҳоро халқ намояд муқаддар намуда буд, ва ҳар як махлуқ пеш аз он ки халқ шавад тақдирашро Худованд маълум намуда буд, Худованд мефармояд:

﴿وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ فَقَدَّرَهُۥ تَقْدِيرًا ۝٢﴾ [الفرقان: ٢]

**«Ва ҳар чизро биёфаридааст ва онро ба миқдор офаридааст».**

**Сураи Фурқон 2**

Ва боз мефармояд:

﴿إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَٰهُ بِقَدَرٍ ۝٤٩﴾ [القمر: ٤٩]

**«Мо ҳар чизро ба андоза офаридаем!».**

**Сураи Қамар 49**

Ва боз мефармояд:

﴿وَكَانَ أَمْرُ ٱللَّهِ قَدَرًا مَّقْدُورًا ۝٣٨﴾ [الاحزاب: ٣٨]

**«Ва фармони Худо фармонест бе ҳеҷ зиёдаву нуқсон».**

**Сураи Аҳзоб 38**

Худованд ҳам тақдири нек ва ҳам бадро муқаддар сохтааст, дар саҳеҳ Муслим аз Паёмбар (с) ривоят шудааст, ки фармуд:

**"Ва ба тақдири баду нек имон биёрӣ".**

Ривояти имом Муслим

Илми Худованд ҳама тақдирҳоро дар бар гирифтааст, макону замон ва сар шавию интиҳои онҳоро медонад, чунки худи Ӯст, ки тақдирҳоро муқаддар сохтааст.

Худованд мефармояд:

﴿لِتَعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدۡ أَحَاطَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عِلۡمَۢا ١٢﴾ [الطلاق: ١٢]

**«То бидонед, ки Худо ба ҳар чиз қодир аст ва ба илм бар ҳама чиз иҳота дорад».**

**Сураи Талоқ 12**

Ва боз мефармояд:

﴿أَلَا يَعۡلَمُ مَنۡ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلۡخَبِيرُ ١٤﴾ [الملك: ١٤]

**«Оё он кӣ офарида, намедонад? Ҳол он ки Ӯ борикбину огоҳ аст».**

**Сураи Мулк 14**

Пас ҳарки тақдири Худовандро инкор намояд гуё илмашро инкор намудааст ва ҳар, ки илми Худовандро инкор намояд гуё тақдирашро инкор намудааст.

Тақдирҳои махлуқот дар китобе дар назди Худованд навишта шудааст чуноне, ки мефармояд:

﴿مَّا فَرَّطْنَا فِي ٱلْكِتَٰبِ مِن شَيْءٍۚ ٣٨﴾ [الانعام: ٣٨]

**«Мо дар ин китоб ҳеҷ чизеро тарк накардаем».**

**Сураи Анъом 38**

Ва боз мефармояд:

﴿وَكُلَّ شَيْءٍ أَحْصَيْنَٰهُ فِيٓ إِمَامٍ مُّبِينٍ ١٢﴾ [يس: ١٢]

**«Ва ҳар чизро дар китоби мубин шумор кардаем».**

**Сураи Ёсин 12**

**Махлуқоти Худованд ба ду навъ мебошанд:**

1. Махлуқоте, ки соҳибихтиёр нестанд, балки ба хотири дигарон халқ шудаанд, мисли осмону ситорагон.

2. Махлуқоте, ки соҳибихтиёранд мисли инсонҳо ва ҷинҳо ва малоикаҳо, ин махлуқотро Худованд соҳибихтиёр гардонидааст, ва онҳоро бар гуноҳ маҷбур насохтааст то, ки онҳоро барои он азоб диҳад, балки онҳоро соҳибихтиёр гардонидааст зери ихтиёри худаш.

Худованд мефармояд:

﴿إِنۡ هُوَ إِلَّا ذِكۡرٞ لِّلۡعَٰلَمِينَ ٢٧ لِمَن شَآءَ مِنكُمۡ أَن يَسۡتَقِيمَ ٢٨ وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢٩﴾ [التكوير: ٢٧-٢٩]

**«Ин китоб пандест барои ҷаҳониён. Барои ҳар кас аз шумо, ки бихоҳад ба роҳи рост афтад. Ва шумо намехоҳед, ғайри он чиро, ки Парвардигори ҷаҳониён хоста бошад».**

**Сураи Таквир 27 - 29**

Худованд бандагонашро бо афъолашон халқ намудааст, чуноне мефармояд:

﴿قَالَ أَتَعۡبُدُونَ مَا تَنۡحِتُونَ ۝٩٥ وَٱللَّهُ خَلَقَكُمۡ وَمَا تَعۡمَلُونَ ۝٩٦﴾ [الصافات: ٩٥، ٩٦]

**«Гуфт: Оё чизҳоеро, ки худ метарошед, мепарастед? Худои яктост, ки шумо ва ҳар чӣ месозед, офаридааст».**

**Сураи Соффот 95 - 96**

Ва сабабҳоро низ у пайдо намудааст, ва ин аст бузурги ва восеъ будани илми Худованд ва бузургии ҳикмати Ӯ дар танзими коинот.

Пас барои ақл ҷоиз нест, ки аз имон дур бигардад, агар ҳикмат ё ҳақиқати чизеро аз тақдири Худованд нафаҳмад, чунки баъзе ҳикматҳои Худованд аст, ки ақл онҳоро дарк карда наметавонад, чунки ақл мисли косае аст ва баъзе ҳикматҳои Худованд мисли оби баҳр аст, ки агар дар коса рехта шавад коса дар он ғарқ мегардад ва дар ҳайрат мемонад.

Ва баъзе ҳикматҳое аст, ки бисёр фикр намудан дар он ба ҷуз зиёд гаштани ҳайрат кори дигаре нест мисли ин, ки мудати дароз нигоҳ кардан ба суи офтоб ба ҷуз зиёд гаштани дарди чашм ва дар ҳайрати амиқ чизи дигаре нест.

## Фасли ёздаҳум

Марг ҳақиқат дорад, чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿كُلُّ مَنۡ عَلَيۡهَا فَانٖ ٢٦ وَيَبۡقَىٰ وَجۡهُ رَبِّكَ ذُو ٱلۡجَلَٰلِ وَٱلۡإِكۡرَامِ ٢٧﴾ [الرحمن: ٢٦، ٢٧]

**«Ҳар чӣ бар рӯи замин аст, фонӣ (тамом) шуданист. Ва зоти Парвардигори соҳиби бузургӣ ва икроми туст, ки боқӣ мемонад».**

**Сураи Раҳмон 26 - 27**

Ва имон овардан ба он чи, ки баъди марг руй медиҳад аз имон аст, мисли фитнаи қабр ва азобу неъмати қабр.

Ва имон ба дубора зинда ва ҳашр шудан, аз имон аст, чуноне ки Худованд мефармояд:

﴿وَنُفِخَ فِي ٱلصُّورِ فَإِذَا هُم مِّنَ ٱلۡأَجۡدَاثِ إِلَىٰ رَبِّهِمۡ يَنسِلُونَ ٥١﴾ [يس: ٥١]

**«Ва дар сур дамида шавад ва онон аз қабрҳо берун оянд ва шитобон ба сӯи Парвардигорашон раванд».**

**Сураи Ёсин 51**

Ва ҳар, ки ба ин шубҳа кунад кофир мегардад, Худованд мефармояд:

﴿وَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَفَلَمۡ تَكُنۡ ءَايَٰتِي تُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡ فَٱسۡتَكۡبَرۡتُمۡ وَكُنتُمۡ قَوۡمٗا مُّجۡرِمِينَ ٣١ وَإِذَا قِيلَ إِنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞ وَٱلسَّاعَةُ لَا رَيۡبَ فِيهَا قُلۡتُم مَّا نَدۡرِي مَا ٱلسَّاعَةُ إِن نَّظُنُّ إِلَّا ظَنّٗا وَمَا نَحۡنُ بِمُسۡتَيۡقِنِينَ ٣٢﴾ [الجاثية: ٣١، ٣٢]

**«Аммо, касоне, ки кофир мешаванд (ба онҳо гуфта мешавад), магар оёти Мо бар шумо хонда намешуд ва шумо такаббур меварзидед ва мардуме гунаҳкор будед? Чун гуфта мешуд, ки ҳаройна, ваъдаи Худо ҳақ аст ва дар қиёмат шакке нест, мегуфтед: «Мо намедонем қиёмат чист? Ҷуз гумоне намебарем ва ба яқин нарасидаем»».**

**Сураи Ҷосия 31- 32**

Ҳамчуноне, ки касе ҳақиқати рӯзи қиёматро инкор кунад.

Худованд мефармояд:

﴿بَلۡ كَذَّبُواْ بِٱلسَّاعَةِۖ وَأَعۡتَدۡنَا لِمَن كَذَّبَ بِٱلسَّاعَةِ سَعِيرًا ١١﴾ [الفرقان: ١١]

**«Балки инҳо қиёматро дурӯғ ҳисобиданд. Ва Мо барои касоне, ки қиёматро дурӯғ ҳисобанд, оташи сӯзон омода кардаем».**

**Сураи Фурқон 11**

Ва имон овардан ба ҳисобу китоб аз имон аст, Худованд мефармояд:

﴿وَنَضَعُ ٱلۡمَوَٰزِينَ ٱلۡقِسۡطَ لِيَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ فَلَا تُظۡلَمُ نَفۡسٞ شَيۡـٔٗاۖ وَإِن كَانَ مِثۡقَالَ حَبَّةٖ مِّنۡ خَرۡدَلٍ أَتَيۡنَا بِهَاۗ وَكَفَىٰ بِنَا حَٰسِبِينَ ٤٧﴾ [الانبياء: ٤٧]

**«Рӯзи қиёмат тарозуҳои адлро омода мекунем ва ба ҳеҷ кас ситам намешавад. Агар амале ба сангинии як хардал ҳам бошад, ба ҳисобаш меоварем, ки мо ҳисоб карданро басандаем!».**

**Сураи Анбиё 47**

Ҳамчунин имон ба ҳақиқати савобу ҷазо ва ҷаннату дузах, аз имон аст.

Худованд мефармояд:

﴿فَأَمَّا ٱلَّذِينَ شَقُواْ فَفِي ٱلنَّارِ لَهُمۡ فِيهَا زَفِيرٞ وَشَهِيقٌ ١٠٦﴾ [هود: ١٠٦]

**«Аммо бадбахтон дар оташанд ва мардумонро дар он ҷо нолае зору фарёде сахт бувад».**

**Сураи Ҳуд 106**

Ва боз мефармояд:

﴿وَأَمَّا ٱلَّذِينَ سُعِدُواْ فَفِي ٱلۡجَنَّةِ ١٠٨﴾ [هود: ١٠٨]

**«Аммо некбахтон то осмонҳову замин боқӣ ҳастанд, дар биҳишт ҷовидон бимонанд».**

**Сураи Ҳуд 108**

Ва кофирон дар дузаханд ва муъминон дар ҷаннатанд чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿فَأَمَّا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فَأُعَذِّبُهُمۡ عَذَابٗا شَدِيدٗا فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَمَا لَهُم مِّن نَّٰصِرِينَ ٥٦ وَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَيُوَفِّيهِمۡ أُجُورَهُمۡۗ وَٱللَّهُ لَا يُحِبُّ ٱلظَّٰلِمِينَ ٥٧﴾ [آل عمران: ٥٦، ٥٧]

**«Аммо ононро, ки кофир шуданд, дар дунёву охират ба сахтӣ азоб хоҳам кард ва онҳоро мададгороне нест! Аммо онон, ки имон оварданд ва корҳои нек карданд, Худо муздашонро ба тамомӣ хоҳад дод. Худо ситамкорокро дӯст надорад».**

**Сураи оли Имрон 56 - 57**

Ва ба ҳамаи ончи, ки ба воситаи китобу суннат (Қуръону ҳадиси Паёмбар) аз умури охират, мисли сирот, тарозуи амалҳо, ҳавзи кавсар, саҳифаҳои

аъмоли баду нек собит шудааст, имон овардан воҷиб аст.

## Фасли дувоздаҳум

Якҷоягиву тамасук ба ҷамъият амри воҷиб аст ва ҷамъияти бе роҳбар намешавад.

Ва итоъат карда мешавад роҳбари мусулмонон то ҷое, ки ӯ тоъати Худовандро ба ҷо орад, Худованд мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَأُوْلِي ٱلۡأَمۡرِ مِنكُمۡۖ ٥٩﴾ [النساء: ٥٩]

**«Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро итоъат кунед ва ба расул ва сардорони хеш фармон баред».**

**Сураи Нисо 59**

Ва сухани Худованд дар ин оят: مِنكُمۡۖ **"сардорони хеш"**

Маъноят яъне роҳбар аз ҷумлаи мусулмонон бошад.

Ва роҳбарии кофир ва байъти ӯ ҷоиз нест, ва итоъати ӯ ҷоиз нест, магар дар умуре, ки муносиби корҳои дунявии мардум бошад на корҳои дунявии худи ӯ.

Ва агар роҳбари мусулмонон олим набошад, пас бояд олимеро мушовири худ бигирад то, ки умури дину дунё амали гардад.

Худованд мефармояд:

﴿وَإِذَا جَآءَهُمۡ أَمۡرٞ مِّنَ ٱلۡأَمۡنِ أَوِ ٱلۡخَوۡفِ أَذَاعُواْ بِهِۦۖ وَلَوۡ رَدُّوهُ إِلَى ٱلرَّسُولِ وَإِلَىٰٓ أُوْلِي ٱلۡأَمۡرِ مِنۡهُمۡ لَعَلِمَهُ ٱلَّذِينَ يَسۡتَنۢبِطُونَهُۥ مِنۡهُمۡۗ ٨٣﴾ [النساء: ٨٣]

**«Ва чун хабаре, чӣ эминӣ ва чӣ тарс ба онҳо расад, онро дар ҳама ҷо фош мекунанд. Ва ҳол он ки агар дар он ба паёмбар ва пешвоёнашон руҷӯъ мекарданд, ҳақиқати корро аз онон дармеёфтанд».**

**Сураи Нисо 83**

Ва инро ба ҷуз олим касе истинбот карда наметавонад.

Ва ҷоиз нест зидияти намудан бар чунин роҳбар ва мубориза бурдан бар зиди ӯ ба хотири аз худ намудани роҳбари, ва ҳатто агар чунин роҳбар золим ҳам бошад дар зулмаш сабр карда мешавад то замоне, ки амали куфрии возеҳе нанамояд, ки ошкоро далолат бар кофир буданаш кунад.

Аз модари мӯъминин, умми Салама, Ҳинд духтари Абуумайя (р.з) ривоят шуда, ки Пайғамбари

Худо (с) фармуд: **“Бар шумо умарое таъйин мегарданд, ки бархе корҳояшон мавриди писанди шумо ва бархе нописанди шумост, пас касе, ки аз он бад барад, ҳамоно наҷот ёфта, аз гуноҳ ва касе ки иъроз кунад, солим мондааст ва лекин касе ки розӣ шавад ва пайравӣ кунад”.** Гуфтанд: Ё расулаллоҳ, оё бо онҳо биҷангем?
Фармуд: **“На, то модоме ки дар миёни шумо намозро барпо доранд”.**

Ривояти имом Муслим

***Шарҳ:*** *маънояш ин аст, ки баъзе афъолашонро ба воситаи мувофиқат бо шариъат меписандед ва баъзеро, ки мухолифи шариъат аст, бад мебинед, пас он кӣ онро нохуш дорад ва ба даст ва забонаш инкор натавонад, аз гуноҳ наҷот ёфта ва вазифаи худро адо карда ва он кӣ ба андозаи тоқату қудраташ аз он бад бибарад, аз ин маъсият солим монда ва он ки ба корашон розӣ шуда ва аз эшон пайравӣ кунад, ӯ гунаҳгор башумор меравад.)*

Ва чунин роҳбар бо илму ҳикмат насиҳат карда мешавад то ҷое, ки бадиро нобуд карда шавад ё зарараш кам гардад ва чунон нашавад, ки онро то рози гардидани нафс нобуд карда шавад, аз Тамими Дори ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд:

**“Дин насиҳат аст”** гуфтанд аз барои ки? Гуфт: **“Аз барои Худо ва китоби Ӯ ва паёмбари Ӯ ва аз**

**барои роҳбарони мусулмонон ва тамоми мардум".**

Ривояти имом Муслим

Ва ҷоиз нест пайгири намудани айбҳои роҳбар ва ошкор намудани он ва паҳн намудани хатоҳояш миёни мардум, балки бояд ба танҳои ӯро насиҳат намуд.

Ва агар роҳбар кори бадеро миёни мардум паҳн намуд ва мардумро ба он амр кард бояд ин роҳбар ба танҳои насиҳат карда шавад то, ки аз он кор даст бардорад ва дар сурате, ки даст набардошт пас воҷиб аст, ки мардумро аз он кори бад бохабар намуд то, ки муртакиби он нагарданд то, ки шариат табдилу тағйир нагардад, ва ин кор аз насиҳат ба хотири Худо ва китоби Ӯ ва паёмбари Ӯ ва роҳбарияти мусулмонон ва мардум мебошад.

Ва олим набояд худро ба хотири зоҳиди аз мардуми ва умури онҳо дур бисозад, ва бояд мазлумонро нусрат бидиҳад ва гуруснагонро таом бидиҳад агар чи бо як хурмоҳам бошад, чунки олим ҳукми роҳбариро дорад, ва ислоҳи дунёи мардум даре аст барои ислоҳи дини мардум. Паёмбар (с) сарашро ба хотири хазинаҳои дунё баланд накард, локин Барираро ба хотири чанд тангае нусрат дод ва

ба хотири он миёни мардум хутба намуд ва онҳоро мавъиза кард.

## Фасли сездаҳум

Ва ҷиҳод пойдор аст то рӯзи қиёмат, ҳукми онро касе бардошта наметавонад то замоне, ки Қуръон вуҷуд дорад.

Аз Ҷобир (р.з) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд: **“Замоне нест, магар ин ки дар он тоифае аз уммати ман дар роҳи ҳақ то рӯзи қиёмат ҷиҳод накунанд”.**

Ривояти имом Муслим

Ва барои ҷиҳоди дифоъ иҷозати роҳбар шарт нест, ва мақсад ба ҷо намеояд магар бо дур гаштани зарар, ва ҷиҳод воҷиб аст, ҳатто ба ҳотири дур кардани зарар аз ъирзу номус ва нафсу мол.

Аз Саъид ибни Зайд ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд: **“Ҳарки ба хотири дифоъ аз молаш кушта шавад шаҳид аст, ҳарки ба хотири дифоъ аз хонаводааш кушта шавад шаҳид аст, ҳарки ба хотири дифоъ аз хунаш кушта шавад шаҳид аст, ҳарки ба хотири дифоъ аз динаш кушта шавад шаҳид аст”.**

Ривояти асҳоби Сунан

Ва дифоъ кардани аз ъирзу номус ва нафсу мол агар чи душман мушрик бошад ё мусулмон воҷиб аст.

Аз Қобус, аз падараш омадааст, ки марде назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: Марде мехоҳад моламро ба таври зури бигирад чи кор кунам? Паёмбар (с) гуфт: **“Худоро ба ёдаш биёр”**. Он мард гуфт: Агар ёдовар нашавад чӣ? Паёмбар (с) гуфт: **“Пас аз мусулмонони гирду атрофат кумак биталаб”.** Он мард гуфт: Агар дар атрофам касе аз мусулмонон набошад чикор кунам? Паёмбар (с) гуфт: **“Аз подшоҳ (ҳоким ва риси шаҳр ё қишлоқ) кумак бихоҳ”.** Он мард гуфт: Агар подшоҳ аз ман дур бошад. Паёмбар (с) гуфт: **"Ба хотири молат биҷанг то ки аз ҷумлаи шаҳидон гарди ё молатро муҳофизат намоӣ".**

Ривояти имом Насоӣ

Ва ҷиҳоди ҳуҷуми ба хотири интишори дини Худо низ воҷиб аст.

Аз Абумусои Ашъари (р.з) ривоят шудааст, ки марди бодянишине назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: Эй паёмбари Худо! Марде аст, ки ба хотири ҷамъовари ғанимат ҷиҳод мекунад ва марде ба хотири шуҳрат ҷиҳод мекунад, ва марде ба хотири нишон додани маконат ва мартабааш ҷиҳод мекунад

пас кадоме аз инҳо дар роҳи Худо аст? Паёмбар (с) фармуд: **"Оне ки ба хотири баланд шудани сухани Худо меҷангад, ҳамон аст ҷиҳод дар роҳи Худо".**

Ривояти имом Бухорӣ

Ва итоъати роҳбар дар ҷиҳод воҷиб аст, ва ӯро итоъат карда мешавад то замоне, ки ба маъсияти Худованд амр накунад.

Аз Паёмбар (с) ривоят шудааст, ки **"Ҳар ки манро итоъат кунад Худоро итоъат кардааст, ва ҳар ки манро нофармони кунад Худовандро нофармони кардааст, ва ҳарки роҳбари таъин намудаи манро итоъат кунад манро итоъат кардааст, ва ҳар ки роҳбари таъин намудаи манро нофармони намояд манро нофармони кардааст".**

Ривояти имом Бухорӣ

## Фасли чаҳордаҳум

Касеро аз аҳли қибла ба сабаби муртакиби гуноҳе кофир намегуем, магар ба куфр.

Ва аз ҷумла суханҳое, ки инсонро кофир месозад дашноми Худованд мебошад.

Ва гуноҳи дашноми Худованд аз ширк ҳам бузургтар аст, чунки мушрик Худовандро ба мартабаи бути санги нарасонидааст, балки бути сангиро ба мартабаи Худои расонидааст, Худованд мефармояд:

﴿تَٱللَّهِ إِن كُنَّا لَفِي ضَلَٰلٖ مُّبِينٍ ٩٧ إِذۡ نُسَوِّيكُم بِرَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٩٨﴾

[الشعراء: ٩٧، ٩٨]

**«Ба Худо савганд, ки мо дар гумроҳии ошкор будем, Он гоҳ ки шуморо бо Парвардигори ҷаҳониён баробар медонистем».**

**Сураи Шуъаро 97 -98**

Пас ҳар, ки Худовандро дашном бидиҳад бо ин амалаш мартабаи Худовандро аз бути санги ҳам поёнтар бурдааст.

Ва дашноми Худованд гуноҳ ва куфри азиме аст. Аммо куфр, мисли имон зиёд ва кам мегардад, Худованд мефармояд:

﴿إِنَّمَا ٱلنَّسِيٓءُ زِيَادَةٞ فِي ٱلۡكُفۡرِۖ ٣٧﴾ [التوبة:3٧]

**«Ба таъхир андохтани моҳҳои ҳаром афзунӣ дар куфр аст».**

**Сураи Тавба 37**

Ва боз мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بَعۡدَ إِيمَٰنِهِمۡ ثُمَّ ٱزۡدَادُواْ كُفۡرٗا لَّن تُقۡبَلَ تَوۡبَتُهُمۡ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلضَّآلُّونَ ٩٠﴾ [ال عمران: ٩٠]

**«Тавбаи касоне, ки пас аз имон овардан кофир шуданд ва бар куфри худ афзуданд, пазируфта нахоҳад шуд. Онҳо гумроҳонанд!».**

**Сураи оли Имрон 90**

Локин зиёдати ва камии куфр соҳибашро аз оташ наҷот намебахшад, балки азобро ё зиёдтар месозад ё камтар.

Худованд мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ زِدۡنَٰهُمۡ عَذَابًا فَوۡقَ ٱلۡعَذَابِ بِمَا كَانُواْ يُفۡسِدُونَ ٨٨﴾ [النحل: ٨٨]

**«Онон, ки кофир шуданд ва дигаронро аз роҳи Худо боздоштанд, ба ҷазои фасоде, ки мекарданд, азобе бар азобашон хоҳем афзуд".**

**Сураи Наҳл 88**

Ва шахсияти касеро ҳукм ба ҷаннатӣ ё дузахӣ будан намекунем, магар онеро, ки Худованд ва Паёмбараш ӯро ҳукм ба ҷаннатӣ ё дузахӣ будан карда бошанд, Ва шаҳодат медиҳем, ки ҳарки агар муъмин бимирад аз аҳли ҷаннат аст ва ҳар, ки агар кофир бимирад аз аҳли дузах аст.

## Фасли понздаҳум

Ва ҳақиқати озоди онаст, ки инсон ба ҷуз Худованд бандаи касе набошад ва эътиқод ба ин, ки инсони озод касе аст, ки аз амри Худо сарпечи кунад, ин худ бандагии ҳавову ҳавас мебошад.

Худованд мефармояд:

﴿أَفَرَءَيۡتَ مَنِ ٱتَّخَذَ إِلَٰهَهُۥ هَوَىٰهُ وَأَضَلَّهُ ٱللَّهُ عَلَىٰ عِلۡمٖ وَخَتَمَ عَلَىٰ سَمۡعِهِۦ وَقَلۡبِهِۦ وَجَعَلَ عَلَىٰ بَصَرِهِۦ غِشَٰوَةٗ فَمَن يَهۡدِيهِ مِنۢ بَعۡدِ ٱللَّهِۚ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ ٢٣﴾ [الجاثية: ٢٣]

**«Оё он касро, ки ҳавасашро чун худои худ гирифт ва Худо аз рӯи илм гумроҳаш кард ва бар гӯшу дилаш мӯҳр ниҳод ва бар дидагонаш парда афканд, дидаӣ? Агар Худо ҳидоят накунад, чӣ касе ӯро ҳидоят хоҳад кард? Чаро панд намегиред?».**

**Сураи Ҷосия 23**

Ва ҳар ки бигуяд, ки инсон ҳақ дорад, ки ҳарчи бихоҳад бикунад ва ҳарчи бихоҳад бигуяд, -ҳарвақт хоҳад ва чигунае ки хоҳад- пас ӯ ба бандагии шайтону нафсаш иқрор гаштааст, чунки Худованд инсонро банда халқ кардааст агар ӯ Худовандро напарастад

пас бандаи дигаре гаштааст, ва ин амри лозиме аст, ки аз он роҳи гурез нест.

Агар дар рӯи замин як инсон мебуд ҳеҷ гоҳ Худованд бар ӯ ҳукми қатлу қазфу зиноро ва чашм пушидан аз авратҳои мардумро ва меросу ҳаром будани зиноро ва муомила бо рибоforo нозил намекард, балки фарз гардонидани инҳо ба хотири вуҷуди дигарон буд, чун адади мардум зиёд мегардад ҳаёту зиндаги низ мураттабу муназзамтар мегардад.

Агар моҳтоб дар осмон ба танҳои мебуд Худованд онро намегузошт, ки бо он низоме мулоҳиза мекунем сайр кунад, балки сабаби сайри он бо ин тартибу низом барои он аст, ки сайру гашти он бо сайру гашти офтобу замин ва дигар ситорагон муносиб гардад.

Худованд мефармояд:

﴿يُغۡشِي ٱلَّيۡلَ ٱلنَّهَارَ يَطۡلُبُهُۥ حَثِيثٗا وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ وَٱلنُّجُومَ مُسَخَّرَٰتِۭ بِأَمۡرِهِۦٓۗ أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُۗ تَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٥٤﴾ [الاعراف: ٥٣]

**«Рӯзро ба шаб мепушонад ва шаб шитобон онро металабад. (Инчунин рӯз ҳам шабро мепушонад ва шитобон онро металабад) Ва офтобу моҳ ва ситорагон мусаххари фармони Ӯ ҳастанд. Огоҳ бошед, ки Ӯрост офаринишу**

**фармонравой. Худо, он Парвардигори ҷаҳониён, бағоят бузург аст!»**

**Сураи Аъроф 54**

Ва боз мефармояд:

﴿لَا ٱلشَّمۡسُ يَنۢبَغِي لَهَآ أَن تُدۡرِكَ ٱلۡقَمَرَ وَلَا ٱلَّيۡلُ سَابِقُ ٱلنَّهَارِۚ وَكُلّٞ فِي فَلَكٖ يَسۡبَحُونَ ٤٠﴾ [يس: ٤٠]

**«Офтобро сазовортар нест, ки ба моҳ расад ва шабро сазовор нест, ки бар рӯз пешӣ гирад ва ҳама дар фалаке шиноваранд».**

**Сураи Ёсин 40**

Аҳкоми ислом ба хотири он ҳастанд, ки дину дунёи инсонро тартибу танзим намояд, пас ҳарки барои худ аз ҳукми Худованд берун рафтанро ҷоиз бидонад, мустаҳиқи ҷазои парвардигор гаштааст.

Ва дохил шудан дар ислом ҳатми мебошад ва хориҷ шудан аз он куфру иртидод (аз дин баромадан) мебошад.

Худованд мефармояд:

﴿وَمَن يَرۡتَدِدۡ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَيَمُتۡ وَهُوَ كَافِرٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ حَبِطَتۡ أَعۡمَٰلُهُمۡ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ٢١٧﴾ [البقرة: ٢١٧]

**«Аз миёни шумо онҳо, ки аз дини худ бозгарданд ва кофир бимиранд, аъмолашон дар дунё ва охират нобуд шуда ва ҷовидона дар ҷаҳаннам бошанд!».**

**Сураи Бақара 217**

Ин чунин Паёмбар (с) мефармояд: **"Ҳарки динашро тағийр дод уро бикушед".**

Ривояти имом Бухорӣ

Бандаги танҳо бандагии Худованд аст: Балки мақсад аз вуҷуд дар ин дунё бандагии Худованд аст, пас харки хориҷ шудан аз бандагиро ҷоиз бидонад ӯ ба инки: бандаги сабаби пайдоиш ва халқ аст, имон надорад. Чигуна ин гуна инсон хориҷ шудан аз ҳукму қонун ва низомҳои дунёи ва давлатро ҷоиз намедонаду, баромадан аз зери ҳукми Худованд ва аз бандагии Худовандро ҷоиз медонад.

Худованд мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقۡتُ ٱلۡجِنَّ وَٱلۡإِنسَ إِلَّا لِيَعۡبُدُونِ ٥٦﴾ [الذاريات: ٥٦]

**«Ҷинну инсро фақат ва фақат барои парастишу ибодати Худ офаридаам».**

**Сураи Зориёт 56**

Пас оне, ки инсонҳо ва ҷинҳоро ба хотири ибодаташ халқ кардааст, онҳоро дубора ба хотири ҳисобу китоб зинда хоҳад гардонд, ва ҳаркиро ба оқибати амалҳояш мерасонад.

**Худованд ҳоли дунё ва охиратамонро ислоҳ намояд.**

**Дуруду салом бар Паёмбару аҳли байту асҳобу пайравонаш**.

# Мундариҷа

Пешгуфтор........................................................................ 3

Фасли якум: Дини Ислом дини тамоми Паёмбарон аст.......................................................................... 8

Фасли дувум: Тафсири он чи ки аз ҷониби Худованд омадааст........................................................................ 14

Фасли севум: Ҳаққи Худованд бар бандагонаш............. 18

Фасли чаҳорум: Имону куфру нифоқ............................ 22

Фасли панҷум: Ҳақиқати имон......................................... 33

Фасли шашум: Номҳо ва сифтҳои Худованд.................. 39

Фасли ҳафтум: Каломи Худованд...................................... 46

Фасли ҳаштум: Алоқа миёни ақлу нақл.......................... 53

Фасли нуҳум: Қонунҳои дини ва дунявии Худованд...... 58

Фасли даҳум: Тақдир......................................................... 64

Фасли ёздаҳум: Мурдану зинда шудан............................ 69

Фасли дувоздаҳум: Бо ҷамоъат якҷо будан..................... 73

Фасли сездаҳум: Навъҳо ва шартҳои ҷиҳод..................... 78

Фасли чаҳордаҳум: Ҳукми куфр намудани шахси муайян......................................................................... 81

Фасли понздаҳум: Ҳақиқати бандаги ва озоди................ 84

Мундариҷа.......................................................................... 89